*Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа*

E-mail: boju_hiroj@mail.ru

№25 (1122) 21 июни соли 2018

# Боҷу хироҷ

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Мо то ҳол дар иҷрои воқеии вазифаҳо ва ҳадафҳо дар арсаи таъмин намудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ҷиддан ақиб мондаем.

**Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»**

## Дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ба фаъолият шурӯъ кард.

**Дар кушодашавии конфронс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Нигаред ба саҳ.2 →

# ПЕШГИРИИ НАҚЗИ ҚОНУН



**Яке аз ҳадафҳои асосии гузаронидани корҳои назоратӣ (аз ҷумла хариди назоратӣ) аз ҷониби мақомоти андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андозҳои дар рафти амалиётҳо ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупорандагон ба ҳисоб меравад.**

........ саҳ.10

## ДАР ИН ШУМОРА:


**Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
........ саҳ.3

**Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ**

Тибқи корҳои назоратӣ субъектҳои зиёди хоҷагидор бо мақсади пинҳон намудани манбаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, музди меҳнатро ба кормандони кироя ғайрирасмӣ пардохт менамоянд.
........ саҳ.6

**Қарздоршавии корхонаҳо**

Тибқи маълумоти Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба ҳолати 01.05.2018 дар ҳудуди шаҳр 20 адад корхонаи хурду бузурги саноатӣ ва зиёда аз 250 адад кооперативи тиҷоратӣ ва хоҷагиҳои кишоварзии фаъолияткунанда дар назди буҷет ба миқдори калон қарзи андоз доранд.
........ саҳ.8

**Тоҷикистон дар сафи 9 кишвари рушди иқтисодашон баландтарин**




Тоҷикистон дар сафи нӯҳ кишваре қарор дорад, ки соли гузашта ба сатҳи рушди иқтисоди баландтарин ноил гардидаанд.
........ саҳ.12

# Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»

*20 июни соли 2018, шаҳри Душанбе*

**Муҳтарам сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо,**

**Муҳтарам роҳбарон ва аъзои ҳайатҳо,**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Ҳамаи шуморо ба шаҳри Душанбе дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» хайрамақдам мегӯям.

Умед дорам, ки аз рӯйи натиҷаҳои чорабинии имрӯза, ки дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон доир мегардад, ҷиҳати татбиқи ҳадафу вазифаҳои дар сатҳи байналмилалӣ дар арсаи захираҳои об мувофиқашуда иқдомоти амалии муассир сурат хоҳад гирифт.

Итминон дорам, ки конфронси имрӯза барои таҳияи тавсияҳои мушаххас роҷеъ ба мавзӯъҳои ҷаласаи дарпешистодаи Форуми сиёсии сатҳи баланд оид ба рушди устувор, ки дар он Ҳадафи шашум оид ба захираҳои об муҳокима мегардад, имконоти мусоид фароҳам меорад.

Бо ибтикори Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 22-юми марти соли равон – дар Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об – мо ҳама якҷо ба раванди татбиқи Даҳсолаи нави байналмилалӣ оид ба об ҳусни оғоз бахшидем.

Мехостам ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамсафонаш барои таҳия ва оғози роҳандозии Нақшаи амалиёти Даҳсола, ки метавонад василаи муҳимми раванди татбиқи он гардад, арзи сипос намоям.

**Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!**

Мо ба пешбурди Даҳсолаи нав бо такя ба таҷрибаи бисёр муфид, ки дар ҷараёни амалисозии ташаббусҳои қаблии глобалии марбут ба об андӯхта шудааст, шурӯъ менамоем.

Дар ин ҷода тайи понздаҳ соли ахир мо саъю талошҳои муштаракамонро дар чаҳорчӯбаи татбиқи чунин ташаббусҳои глобалӣ, ба монанди "Соли байналмилалии оби тоза, 2003", Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» ва "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013" ҳамаҷониба тақвият бахшидем.

Ҳамаи ин ибтикорот дар масъалаи дарки амиқи нақши нодири об дар ҳаёти сайёраи мо саҳми арзишманд гузоштанд. Ҳамзамон бо ин онҳо ба ҷалби фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба идораи захираҳои об, татбиқи лоиҳаҳо ва истифодаи технологияву навовариҳои муосир дар ин соҳа мусоидат карданд.

Мехостам нақши ин ташаббусҳоро дар татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, махсус зикр намоям. Саъю талошҳои муштарак дар ин ҷода барои таҳияи рӯзномаи нави рушди устувор, ки дар он захираҳои об ҷойгоҳи марказӣ дошта, ба ҳайси унсури калидии ин амалия муайян гардидаанд, заминаи боэътимод фароҳам оварданд.

Дар айни замон, далелҳои зайли ба шумо маълум гувоҳӣ медиҳанд, ки сафарбарсозии талошҳои умум ҳанӯз самараи дилхоҳ надодааст.

— дар дунё зиёда аз 800 миллион нафар ба оби нӯшокии бехатар ва зиёда аз дувуним миллиард нафар ба хизматрасонии одитарини соҳаи беҳдошт (санитария) дастрасӣ надоранд;

— ҳар сол то сесад ҳазор нафар кӯдак дар синни то панҷсола ба иллати набудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ба ҳалокат мерасад.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки мо то ҳол дар иҷрои вокеии вазифаҳо ва ҳадафҳо дар арсаи таъмин намудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ҷиддан ақиб мондаем. Ғайр аз ин, таъсири номатлуби раванди тағйирёбии иқлим вазъи корҳоро ҷиҳати расидан ба идораи устувори захираҳои об мураккаб мегардонад.

Маълум аст, ки тағйироти глобалии иқлим ба ҳаҷми захираҳои оби нӯшокии тоза ба сифати он таъсири манфӣ расонида, кишварҳо ва минтақаҳои мухталифи оламро ба вазъи ташвишовари экологӣ дучор месозад.

Имрӯз дар олам зиёда аз ду миллиард нафар аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Тибқи пешгӯйии коршиносон, соли 2050 ин нишондиҳанда метавонад то панҷ миллиард нафар, яъне тақрибан ба нисфи аҳолии сайёра, баробар гардад.

Зимнан, тамоюли афзоиши аҳолӣ ва ниёзмандӣ ба захираҳои об дар назди мо вазифаҳои нави мақмӯиро мегузорад.

Дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати баланд афзоиш меёбад ва ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани муносибатҳо миёни соҳаҳои иқтисод мегардад.

Шиддати рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди об метавонад ҳатто дар дохили як кишвар пайомадҳои манфиро ба бор орад.

Маҳз ҳамин ду омил – тағйироти глобалии иқлим ва афзоиши демографӣ – чаҳорчӯба ва имконотро барои иқдомоти мо муайян хоҳанд кард. Дар баробари ин омилҳо як силсила масъалаҳои дигаре вуҷуд доранд, ки муносибати маҷмӯӣ ва ҳамкории фаъолро дар соҳаи об тақозо доранд.

Дар маҷмӯъ баланд бардоштани самаранокии истифодаи об, кам кардани ифлосшавии захираҳои об, истифодаи такрории онҳо ва таҳияи технологияҳои нави тавлиди оби тоза дар миқёси саноатӣ аз ҷумлаи чунин масъалаҳо мебошанд.

Таҷрибаи андӯхташуда нишон медиҳад, ки дар арсаи истифодаи захираҳои об якбора ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан мушкил аст. Бо дарназардошти маҳз ҳамин таҷриба, Даҳсолаи оғозёфта, пеш аз ҳама, ба ташаккули майдони васеъ барои таҳкиму тавсеаи муколамаи мунтазами бисёрҷониба дар соҳаи об бо таваҷҷуҳ ба иқдомоти амалии мушаххас равона карда шудааст.

Дар ин замина мо ният дорем ҳар ду сол Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи ҳадафу вазифаҳои Даҳсолаи амалиётро доир намоем.

Дар ин самт мо ҳамкориамонро бо кишвару созмонҳои манфиатдор дар чаҳорчӯбаи Кумитаи байналмилалии роҳбарикунанда идома хоҳем дод.

Бо истифода аз фурсат, мехостам ба ҳамаи аъзои Кумитаи кунунии роҳбарикунандаи байналмилалӣ, ки дар омода намудани Конфронси имрӯза саҳми басо арзишманд гузоштаанд, изҳори сипос намоям.

Ҳамчунин, мо ният дорем корро дар ин ҷода тавассути дар шаҳри Душанбе таъсис додани Маркази байналмилалии мусоидат ба татбиқи Даҳсола тақвият бахшем.

Раванди таҳияву пешбурди қатъномаи нави Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи миёнамуҳлати ҷараёни татбиқи Даҳсола майдони иловагиро барои ҳамкории мо фароҳам хоҳад овард. Мо ба ҷонибдории фаъоли шариконамон дар пешбурди қатъномаи мазкур дар чаҳорчӯбаи иҷлосияи ҳафтоду сеюми Маҷмаи умум умед дорем.

Аз нигоҳи мо, саъйю талошҳо ҷиҳати эҷоди механизмҳои мусоидат ба татбиқи Даҳсола бояд бо сафарбарсозии захираҳои зарурии башарӣ, молиявӣ ва фаннӣ тақвият дода шаванд.

Дар робита ба ин мехостам масъалаи талаботи бузурги соҳаи обро ба маблағгузорӣ ҷиҳати амалӣ гардонидани лоиҳаҳо барномаҳои ин соҳа махсус таъкид созам.

Аз рӯйи ҳисобҳои Бонки Ҷаҳонӣ, талаботи ҳамасолаи молиявӣ барои иҷрои танҳо ду вазифаи Ҳадафи шашуми рушди устувор, яъне дастрасии умум ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт, то ба як саду чордаҳ миллиард доллари амрикой мерасад.

Зимнан, зарур аст, ки саъю кӯшиши мо ба боло бурдани самаранокии истифодаи захираҳои молиявии мавҷуда ва пайдо намудани манбаъҳои нави маблағгузории соҳаҳое, ки бо захираҳои об алоқаманданд, равона карда шаванд. Ба ин манзур, тавсеаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ барои ҷалб намудани сармояи иловагӣ ба соҳаи об ва инфрасохтори он имконоти нав фароҳам месозад.

**Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!**

Ҷузъи фаромарзии ҳамкории арсаи об низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад. Ҳамкориву ҳамгироии самаранок, одилона ва барои ҷонибҳо судманд дар соҳаи об метавонад такондиҳандаи рушди муштараки кишварҳое гардад, ки онҳоро ҳавзаҳои умумии об ба ҳам мепайвандад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ мисоли возеҳи ҳамкории созанда дар соҳаи об мебошад, ки дар он нобаробарии ташаккулёбии захираҳои об ҷой дорад.

Чунин вазъ, дар баробари талаботи фарқкунандаи кишварҳои минтақа ба истифодаи захираҳои об аз лиҳози соҳавӣ ва мавсимӣ, чанде пеш чун омили баҳсу мунозираҳо ва ихтилофоти эҳтимолӣ арзёбӣ мегардид. Вале тавре ки замон ва амалия нишон медиҳад, мо тавонистем дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ба пешрафти назаррас ноил шавем.

Айни ҳол дар минтақа имконоту инфрасохтори нав барои ҳамкории самарабахш ва таъмини рушди кишварҳои шомили он эҷод гардидаанд. Ҷиҳати ноил шудан ба ин натиҷаҳо нақши чунин сохторҳои минтақавӣ, ба монанди Бунёди байналмилалии наҷоти Арал ва ниҳодҳои он, бешубҳа, назаррас аст.

Ҳамзамон бо ин, имрӯз мо дар рӯ ба рӯи мушкилоту таҳдидҳои нави замони муосир қарор дорем, ки аз ҳарвақта бештар муттаҳид сохтани талошҳои муштарак ва иқдомоти ҳамоҳангшударо тақозо менамоянд.

Мисоли равшани ин таҳдидҳо мавсими камобии соли равон мебошад. Бо сабаби боришоти ками мавсимӣ кишварҳои минтақа аллакай дучори камобӣ шуданд. Ҳаҷми оби дарёҳо аз меъёрҳои миёнаи солона паст буда, дар мавсими обёрӣ ҳамагӣ дар ҳаҷми 60-70 фоиз пешгӯйӣ мешавад. Чунин ҳолат ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии зичи талошҳои моро барои ҳалли ин қабил мушкилот тақозо менамояд.

Боиси хушнудист, ки солҳои охир тағйироту таҳаввулоти минтақавӣ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, башарӣ ва дигар арсаҳо суръати мусбати пешравиро пайдо кардаанд. Чунин воқеият, бешубҳа, барои такмили минбаъдаи ҳамкории байнидавлатӣ ва ҳалли якҷояи мушкилоти мавҷудаи минтақавӣ заминаҳои заруриро фароҳам месозад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мушоҳидаҳои бисёрсола гувоҳӣ медиҳанд, ки таъсири тағйирёбии иқлим ба табиат ва вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ тақвият меёбад.

Тибқи ин мушоҳидаҳо, тайи шаст соли ахир ҳарорати ҳаво дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёнаи солона ба андозаи як градус аз рӯйи Селсия боло рафта, миқёсу миқдори ҳодисаҳои табиии вобаста ба обу ҳаво рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Зери таъсири ин омилҳо дар Тоҷикистон офатҳои табиӣ дар шакли обхезӣ, аз маҷрои дарёҳо баромадани об, сел, фаромадани тарма ва ярч ҳамасола ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар хисороти ҷиддӣ мерасонанд. Гузашта аз ин, тайи чанд даҳсолаи охир мо тақрибан як ҳазор пиряхи хурду миёнаро талаф додем.

Бо мақсади мониторинги ин равандҳо ва андешидану татбиқ намудани тадбирҳои мутобиқшавӣ ба омилҳои тағйирёбии иқлим имсол мо дар назди Академияи илмҳои Тоҷикистон Маркази омӯзиши пиряххоро таъсис додем ва дар таҳкими иқтидорҳои он ба дастгирии шариконии рушд умед дорем.

Итминон дорам, ки дарояндаи наздик ин марказ дар раванди банақшагирӣ ва идораи захираҳои об на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар зинаи минтақавӣ низ саҳми арзанда хоҳад гирифт.

Ҳоло дар Тоҷикистон тақрибан 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад. Ҳукумати мамлакат оид ба мутавозин сохтани истеҳсол ва истеъмоли неруи барқ аз тариқи навсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда, бунёди иқтидорҳои нави тавлиди неруи барқ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири сарфаи он тадбирҳои ҳаматарафа меандешад.

Дар навбати худ, обанборҳои неругоҳҳо ба таъмин намудани танзими боэътимоди бисёрсолаву мавсимии ҷараёни об, пешгирии обхезиҳо ва кам кардани оқибатҳои хушксолӣ мусоидат мекунанд.

Истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза – яке аз асосҳои рушди "иқтисоди сабз" – метавонад ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонӣ (карбон) ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд.

Дар робита ба ин, мехостам аҳаммияти татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000, ҳамчунин баркарор намудани фаъолияти ҳамзамони шабакаи энергетикии Тоҷикистонро бо низоми муттаҳидаи энергетикии Осиёи Марказӣ, ки имконияти интиқоли энергияи "сабз"–и моро ба ҳамсояогони дуру наздик фароҳам меоранд, зикр намоям.

Дар кишвари мо таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии босифат ва беҳдошт чун афзалияти дигари муҳим боқӣ мемонад. Мо аллакай ба таҳияи Барномаи нав оид ба таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии тоза барои давраи то соли 2030 шурӯъ намудем. Ин Барнома яке аз ҳадафҳои калидии рушди устувор – дастрасии умуми аҳолӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдоштро фаро мегирад.

Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи об, дар айни замон ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақа низ нигаронида шудааст. Дар ин замина мо омодаем, ки захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиатҳои умум мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем.

Истифодаи оқилонаи танҳо захираҳои нодири кӯли баландкӯҳи Сарез, ки 17 километри кубиро дар бар мегирад, имкони таъмини дарозмуддати устувори аҳолии минтақаи моро бо оби босифати нӯшокӣ медиҳад.

Дар фарҷоми сухани худ изҳори умед менамоям, ки иштирокдорони Конфронс бо истифода аз имконоти имрӯза дар таҳияи тавсияҳои мушаххасу амалӣ ҷиҳати татбиқи босамари ҳадафҳои Даҳсолаи нав саҳми арзандаашонро хоҳанд гузошт.

Ба ҳамаи ҳозирин кори созандаву пурмаҳсул ва ба меҳмонони гиромии мо будубоши боҳаловатро дар сарзамини хуршедию меҳмоннавози Тоҷикистон орзу менамоям.

**Барои таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**19 июн таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар кори маҷлис “Дар бораи Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2018” ва “Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шахсони масъул ҳисобот доданд.

Ҳамчунин, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия”, Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии ухдадориҳои таъминотӣ”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” ва Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” гузориши шахсони масъул шунида шуд.

Баъди муҳокима лоиҳаҳои қонунҳои номбаршуда барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ” ирсол гардид.

Дар кори маҷлис лоиҳаҳои як қатор қарорҳои Ҳукумат “Дар бораи Барномаи давлатии расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 — 2020”, “Дар бораи арзёбии самаранокии фаъолияти агентиҳои амаликунандаи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ” ва “Дар бораи таъсиси Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” баррасӣ карда шуд.

Дар охир баъди муҳокимаи ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи маҷлис Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти кишвар, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои Ҳукумат ва роҳбарони ҳамаи сохторҳои давлатӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумат ва Қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин иҷрои дигар масъалаҳои маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳои мушаххас доданд.

# Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард

**Рӯзи 18 июни соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейнро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ва дигар шахсони расмӣ истиқбол намуданд.

Маросими истиқболи расмӣ ва мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 июн дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

Дар доираи сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн бо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода мулоқот мекунад.

Инчунин, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, ки 20 июн дар шаҳри Душанбе ба кори худ оғоз мебахшад, иштирок менамояд.

# Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти матбуотӣ пас аз музокироти байнидавлатии Тоҷикистону Покистон



**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори умум,**

**Хонумҳо ва ҷанобон,**

Нахуст, бори дигар ташрифи Ҷаноби Олӣ Мамнун Ҳусайн, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон ва ҳайати ҳамроҳашро ба Тоҷикстон хайрамақдам мегӯям.

Ҷумҳурии Исломии Покистон дар сафи шарикони калидии мо қарор дорад. Мо аз раванди рушдёбандаи тамосҳои сиёсии Тоҷикистон ва Покистон, аз ҷумла дар сатҳи олӣ, изҳори қаноатмандӣ менамоем.

Музокироти имрӯзаи мо дар фазои барои муносибатҳои ду кишвар хоси ҳамдигарфаҳмии пурра, созандагӣ ва ҳусни эътимоди комил доир гаштанд.

Боварии комил дорам, ки натиҷаҳои сафари расмии Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Исломии Покистон ба робитаҳои дуҷонибаи кишварҳои ба ҳам дӯсти мо нерӯи нав бахшида, омили густариши бештари маҷмӯи ҳамкориҳои тарафҳоро ташкил хоҳанд дод.

Ҳар ду ҷониб бар онанд, ки ҳамкории фарогиру созандаи тарафҳо дар соҳаҳои сиёсиву низомӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ ва гуманитариву фарҳангӣ ҷавобгӯи манфиатҳои милливу дарозмуддати ду кишвар буда, ба густариши ҳамгироии минтақавӣ ва таҳкими сулҳу субот дар минтақаи фарохи Осиёи Марказию Ҷанубӣ мусоидат менамояд.

Бо ибрози алоқамандӣ ба тавсеаи робитаҳои иқтисодӣ мо аҳаммияти Комиссияи муштараки байниҳукуматиро махсусан таъкид намудем.

Аз ҳисоби фаъолияти самарабахши Комиссия боз ҳам ғанитар гардонидани мазмуну муҳтавои ҳамкориҳои мо дар ин арса амри муҳим дониста шуд.

Дар ин замин афзоиш додани ҳаҷми савдои хориҷии байни ду кишвар то ба 500 миллион доллари амрикоӣ дар меҳвари гуфтушуниди ҷонибҳо қарор дошт.

Мо изҳори умед намудем, ки доираҳои соҳибкорӣ ва сармоягузории Покистон дар татбиқи лоиҳаҳои бузургу миёнаи кишвари мо иштироки судманд хоҳанд кард.

Мо омодаем, ки ҷиҳати ҳамкориҳои ҷонибҳо алалхусус дар татбиқи барномаҳои рушди саноат, энергетика, инфрасохтори энергетикию нақлиётӣ, туризм, маориф ва тандурустӣ шароити мусоид фароҳам орем.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари маҳсур бо хушкӣ бори дигар алоқамандии худро ба истифодаи имкониятҳои бандарҳои баҳрии Покистон ва шабакаҳои мавҷудаи транзитии он барои тавсеаи тиҷорати минтақавӣ иброз дошт. Дар ин замина зарурати барқарор кардани хатсайрҳои ҳавоӣ низ мавриди баррасӣ қарор дошт.

Айни замон дар Тоҷикистон дар соҳаи энергетика, якчанд лоиҳаҳо амалӣ шуда истодаанд, ки имкониятҳои густариши ҳамкориҳои моро дар ин ҷода афзун мегардонанд.

Дар ин росто оғози ҳарчи зудтари татбиқи яке аз лоиҳаҳои муҳими дорои аҳамияти минтақавӣ – КАСА – 1000 махсус таъкид гардид.

Ҳар ду ҷониб ба мавзӯъти густариши ҳамкории фарҳангию башарӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Мо ба дурнамои неки робитаҳоямон дар соҳаҳои маорифу фарҳанг, тандурустӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои илмию техникӣ ишора кардем.

Дар ҷараёни музокирот атрофи доираи васеи масъалаҳои умдаи минтақавию байналмилалӣ мубодилаи афкори судманд сурат гирифт.

Дар ин иртибот ба мавзӯи густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба ва рушду такомули онҳо, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои ҳамкории Шанхай, ҳамкории исломӣ ва ҳамкории иқтисодӣ, таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд.

Ба эътидол овардани вазъи Афғонистон ва истиқрори сулҳу суботи комил дар ин кишвари ҳамсоя яке аз мавзӯъҳои меҳварии музокироти мо буд. Ба манзури мусоидат ба ин раванд мо тасмим гирифтем, ки ҳамоҳангию ҳамкории дуҷонибаву бисёрҷонибаро таҳкими бештар бахшем.

Ҳамчунин, масъалаҳои мубориза муассир алайҳи терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноякории муташаккили фаромиллӣ, ки ба амнияти ҳар ду кишвар ва тамоми минтақа хатар эҷод месозанд, дар маркази диққати мо қарор доштанд.

Масъалаҳои таҳкими суботи минтақавӣ, мубориза алайҳи таҳдиду хатарҳои глобалӣ имрӯз ҷавҳари ҳамшарикии кишварҳои моро дар соҳаи амният ташкил медиҳанд.

Мо сари он қарор омадем, ки ҳамкориҳои судмандамонро дар ин арса таҳким бахшида, пеш барем.

Ҷониби Тоҷикистон аз натиҷаҳои музокироти имрӯза бо Ҷаноби Олӣ Мамнун Ҳусейн изҳори қаноатмандӣ намуда, муҳим арзёбӣ менамояд.

# Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Покистон

**Баррасии масоили ҳамкории дуҷониба дар мулоқоти хосаи Сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Мамнун Ҳусейн ва бо иштироки ҳайатҳои васеи Тоҷикистону Покистон дар Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.**

Нахуст дар оғози мулоқот Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони олиқадрро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Президенти мамлакат аз сатҳи робитаҳои сиёсӣ, муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунарсаи кишварҳо изҳори қаноатмандӣ карда, ҷойгоҳи хоси Покистонро дар низоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун шарики муътамад махсус таъкид намуданд.

Ҳар ду ҷониб ҳамкории фарогиру созандаи тарафҳо дар соҳаҳои сиёсиву низомӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ ва гуманитариву фарҳангии ҷавобгӯи манфиатҳои милливу дарозмуддати ду кишварро баррасӣ карда, омодагии худро баҳри густариши ҳамгироии минтақавӣ ва таҳкими сулҳу субот дар минтақаи фарохи Осиёи Марказию Ҷанубӣ изҳор доштанд.

Барои рушду тавсеаи ҳамкорӣ дар ин соҳаҳо ва ташаккули маҷмӯи ҳавзаҳои афзалиятноки ҳамкории иқтисодӣ, аз ҷумла, бахшҳои гидроэнергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, сатмҳои мухталифи саноат ва ҳамчунин туризм саҳми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ хеле муҳим шумурда шуд.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаи баланд бардоштани ҳаҷми мубодилаи тиҷорат то ба 500 миллион доллар, истифодаи муштараки имкониятҳои фаровони гидроэнергетикии Тоҷикистон, татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ, аз қабили бунёди хатти интиқоли барқи CASA — 1000, ба кор андохтани имкониятҳои нақлиётиву транзитии кишварҳо дар маркази таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор дошт.

Таъкид гардид, ки истифодаи имкониятҳои мусоиди бахшҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ, аз ҷумла, сангҳо ва металлҳои қиматбаҳо, истеҳсоли алюминии аълосифат, бунёди коргоҳҳои ноқил, истеҳсоли мошинҳои мухталифи барқӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноати сабуку хӯрокворӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бунёди корхонаҳои истеҳсоли маводи сохтмонӣ ва доруворӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва ҳамкории густурдаи соҳибкорони ду кишвар низ метавонанд аз самтҳои афзалиятноки равобити дуҷониба бошанд.

Раванди густариши ҳамкории байналмилалии дорои ҷанбаи башарӣ, амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳамкории илмию техникӣ ва технологӣ, густариши тамосҳои доимии зиёиёну аҳли ҳунар барои тақвияти дӯстии таърихии мардумони ду кишвар арзишманд арзёбӣ карда шуд.

Фаъолияти ҷамоаи тоҷикон "Тоҷик Қавми Иттиҳад Парти Пакистан" ва нашри маҷаллаи "Тоҷик" намунаи беҳтарини ҳамкорӣ дар ин самт номида шуд.

Зимни баррасии масъалаҳои умдаи байналмилаливу минтақавӣ ҷонибҳо мавқеи муштарак ё ба ҳам наздики худро дар чаҳорчӯбаи созмонҳои ҷаҳонию минтақавӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмонҳои Ҳамкории Иқтисодӣ ва Ҳамкории Исломӣ арзишманд номиданд.

Сарони давлатҳо аз сатҳи ҳамкории ду кишвар дар соҳаи амниятӣ, ки сатҳи сифатан нав касб кардааст, изҳори қаноатмандӣ намуда, масъалаҳои мубориза алайҳи таҳдидҳои глобалӣ — терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, инчунин истиқрори сулҳу субот дар Афғонистонро муҳокима намуданд.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар ҳузур ва бо иштироки сарони давлатҳо барои рушду густариши муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ 3 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Мамнун Ҳусейн Изҳороти муштарак дар бораи "Тақвияти замина барои шарокати стратегӣ ҷиҳати ҳамгироии минтақавӣ" байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро ба имзо расониданд.

Дар ҳузури сарони ду давлат санадҳои зерини байниидоравӣ ба имзо расонида шуданд:

— Ёддошти тафоҳум байни Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати аудитори генералии Ҷумҳурии Исломии Покистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ дар бахши давлатӣ;

— Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи иттилоот байни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати иттилоот, телевизион, радио ва мероси миллии Ҷумҳурии Исломии Покистон.

Баъди анҷоми маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн аз рӯйи натиҷаҳои мулоқоти дуҷониба барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ оростанд.

# Изҳороти муштарак дар бораи "Тақвияти замина барои шарокати стратегӣ ҷиҳати ҳамгироии минтақавӣ" байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон

**Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷаноби Олӣ Мамнун Ҳусейн 18 — 19 июни соли 2018 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод. Ҳамзамон Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Ҷаноби Олӣ Мамнун Ҳусейн дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар таърихи 20 – 21 июни 2018 иштирок хоҳад кард. Аз Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон ва ҳайати ҳамроҳи ӯ истиқболи гарму самимӣ сурат гирифт.**

2. Мулоқоти хоссаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷаноби Олӣ Мамнун Ҳусейн баргузор гардид ва дар пайи он нишасти васеи ҳайатҳо бо ҳузури ҷонибҳо доир гашт.

3. Ду роҳбар масъалаҳои дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалиро мавриди муҳокимаи амиқ қарор доданд.

4. Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ташаббуси он ҷиҳати баргузории Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» табрик намуд. Роҳбарон зарурати расидан ба дастрасии ҳаматарафа ва одилона ба оби ошомидании безарару тозаро тавассути мудирияти рушдёфтаи обу беҳдоштӣ дар доираи ҳадафҳои рушди устувори СММ пешбинигардида таъкид намуданд.

5. Ду Роҳбар:

— Аҳамияти ҳамкории муштараки ҳамаҷонибаро барои таҳкими роҳ ба шарикии стратегӣ ва ҳамбастагии устувори минтақавӣ эътироф намуданд;

— Ба муштаракоти умумии таърихӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои байни мардумони Тоҷикистону Покистон арҷгузорӣ карданд;

— Аҳамияти ҳамоишҳои байналмилаливу минтақавиро барои фароҳамсозии майдони ҳамкории муассир ва заминаҳои муштарак, ки ҷавобгӯи ормонҳои неки дуҷониба, минтақавӣ ва глобалӣ мебошанд, аз ҷумла аҳамияти ҳамкориҳо дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба монанди СММ, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ва ғайра бори дигар таъкид намуданд; аҳамияти даъват ба иқдомҳои якҷоя ва фарогир барои ҳамгироӣ дар тамоми бахшҳои минтақаро қайд карданд.

6. Ду Роҳбар дар робита ба рушди муносибатҳои дуҷониба изҳори қаноатмандӣ намуда, қайд карданд, ки барои густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, савдо, сармоягузорӣ, маориф, илм, фарҳанг, энергетика, нақлиёт, мудофиа ва амният имкониятҳои васеъ мавҷуданд.

7. Ду Роҳбар аҳамияти пайвастагии минтақавиро тариқи бунёди шабакаҳои роҳи оҳан, заминӣ, ҳавоӣ ва рақамӣ барои таҳкими муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва баланд бардоштани эътимоди байни кишварҳои минтақа ҷиҳати суботу амнияти бештар эътироф карданд. Таъкидан қайд карда шуд, ки тамоми мақомоти марбута, аз ҷумла мақомоти авиатсионии ҳарду ҷониб раванди шабакаҳои алоқа ва дубора барқарор намудани хизматрасонии ҳавоиро фаъол созанд. Покистон ҳамзамон азми Тоҷикистонро барои дастрасӣ ба бандари Гвадар комилан дастгирӣ мекунад.

8. Ҷонибҳо ба сармоягузории мустақим ва муштарак дар минтақаҳои озоди/махсуси иқтисодии кишварҳои якдигар даъват намуданд.

9. Тоҷикистон ва Покистон аз қарорҳои дар рафти вохӯрии сеюми Гурӯҳи кории муштараки Тоҷикистону Покистон барои татбиқи лоиҳаи CASA-1000 дар моҳи июли соли 2017 қабулшуда, ҷиҳати рушди ҳамкориҳо байни ду кишвар дар соҳаҳои энергетика, инфрасохтор ва пайвастагӣ истиқбол намуданд. Зарурати анҷоми саривақтии лоиҳаи минтақавии CASA-1000 низ бори дигар таъкид карда шуд.

10. Ду Роҳбар қаноатмандии худро аз сатҳи густариши ҳамкориҳои амниятӣ, техникӣ ва низомии байни ду кишвар ва ҳавасмандиро барои таҳкими минбаъдаи ин ҳамкориҳо иброз доштанд.

11. Узвияти комилҳуқуқи Покистон дар Созмони ҳамкории Шанхай барои ҳамгироии васеъ дар минтақа имконияти бештар фароҳам месозад. Покистон азми худро барои тарғиби «Руҳияи Шанхай» дар асоси эътимоди мутақобила, манфиати муштарак, баробарӣ, машварат, эҳтироми гуногунии фарҳангӣ ва кӯшиш барои рушди умумӣ таъкид мекунад.

12. Покистон аз раисии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории иқтисодӣ истиқбол намуда, дастгирии комили худро ба лоиҳаҳои СҲИ ва ташаббусҳои Тоҷикистон дар доираи раёсат дар ин созмон иброз менамояд.

13. Бо таваҷҷуҳ ба вазъияти амниятӣ дар минтақа, ду Роҳбар таҳкими ҳамкориҳоро дар мубориза бар зидди тахдидҳои глобалӣ-терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ таъкид карданд. Ҳамчунин, таъкид гардид, ки комёбиҳои Покистон дар мубориза бо терроризм тавассути гузаронидани амалиётҳои "Зарби Азб", "Радд — ул — фасод" ва "Нақшаи амали миллӣ" барои сулҳу субот дар минтақа мусоидат мекунад.

14. Ду Роҳбар бори дигар азми қотеонаи худро ҷиҳати дастгирии раванди мусолиҳа дар Афғонистон, ки барои истиқрори сулҳу суботи минтақавӣ аҳамияти ҷиддӣ дорад, баён намуданд. Онҳо бори дигар бар аҳамияти раванди музокироти сулҳ ва мусолиҳаи миллӣ дар Афғонистон бо роҳбарӣ ва ризояти худи афғонҳо таъкид намуданд. Ду Роҳбар нақши муҳимми ҳамкориҳои минтақавиро ҷиҳати таъмини сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон қайд карданд.

15. Ду Роҳбар аҳамият ва зарурати ҳалли ҳамаи ихтилофоту низоъҳоро дар минтақа бо роҳи музокироти бардавом ва тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва усули Оинномаи СММ таъкид карданд.

16. Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷаноби Олӣ Мамнун Ҳусейн ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми Тоҷикистон барои меҳмоннавозии гарму самимӣ, ки нисбат ба ӯ ва ҳайати ҳамроҳаш дар рафти сафар сурат гирифт, изҳори сипос намуд. Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват ба амал овард, ки дар ҳар замони барояш муносиб аз Покистон боздид намоянд. Даъват бо арзи сипос пазируфта шуд.

*Дар шаҳри Душанбе 19 июни соли 2018 ба имзо расид.*

| | |
|---|---|
| **Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон** |
| **Эмомалӣ РАҲМОН** | **Мамнун ҲУСЕЙН** |

## Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Луи Женмин

**Рӯзи 19 июн Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Луи Женминро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он баррасӣ карда шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қаноатмандии худро оид ба дастгирии Созмони Милали Муттаҳид аз ташаббусҳои ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти глобалӣ иброз доштанд.

Ҷонибҳо ба нақши Департаменти Созмони Милал оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об баҳои арзанда доданд. Изҳори умед карда шуд, ки дар ҳамкорӣ бо ин ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид ҷонибҳо ба татбиқи босамари Даҳсолаи амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об, Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушд то соли 2020, ноил хоҳанд шуд.

Дар самти расидан ба ҳадафҳои “Рӯзномаи ҷаҳонии рушд — 2030” масъалаҳои ҳамкорӣ дар самти ҷалби сармоя ва технологияҳои муосир, рушди инфрасохтор, роҳандозии низоми самарабахши ҳамлу нақли транзитӣ, соддагардонии қоидаҳои тиҷорат, мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифт.

Зимни мулоқот муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Луи Женмин мақоми пешвоии Тоҷикистонро дар пешбурди ташаббусҳои глобалии вобаста ба об махсус таъкид карда, ба талошҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд доданд.

Дар охир зимни баррасии масъалаи истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда Сарвари давлат ҷонибдории худро аз ташаббусҳои ҷаҳонии “Энергияи устувор барои ҳама” ва Даҳсолаи байналмилалии “Энергияи устувор то соли 2024” таъкид карданд.



## Маросими супоридани “Медали Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ” ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза алайҳи тамоку

Нимаи дуюми рӯзи 19 июн дар Бӯстонсаройи шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати “Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза алайҳи тамоку” маросими супоридани “Медали Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ” ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Мукофоти олиро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ Игор Поканевич супорида, ба саҳм ва нақши Президент ва Ҳукумати кишвар баҳри таъмини солимии ҷомеа баҳои баланд дод.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарфароз гаштан ба ин шарафи бузургро, пеш аз ҳама, самараи заҳмату талошҳои пайвастаи тамоми ҷомеаи Тоҷикистон дар роҳи ташаккули тарзи ҳаёти солим арзёбӣ карданд.

Мубориза алайҳи тамокукашӣ яке аз афзалиятҳои тадбирҳои амалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иҷтимоӣ мебошад, зеро корҳое, ки дар Тоҷикистон дар самти мубориза алайҳи тамоку анҷом меёбанд, қабл аз ҳама, ба беҳдошти саломатии ҷомеа равона гардидааст.

## Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо гурӯҳи намояндагони доимии як қатор кишварҳои хориҷӣ дар назди Созмони Милали Муттаҳид

**19 июн Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” гурӯҳи намояндагони доимии як қатор кишварҳои хориҷӣ дар назди Созмони Милали Муттаҳидро ба ҳузур пазируфтанд.**

Зимни мулоқот маҷмӯи васеи масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷ ва бо яке аз ташкилотҳои бонуфузи сайёра — Созмони Милали Муттаҳид баррасӣ карда шуд.

Қабл аз оғози мулоқот Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иштирокчиёни ҳамоиши сатҳи баландро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Сарвари давлат ба намояндагони кишварҳо барои дастгирии ташаббуси ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти об ва иштироки фаъолашон дар рафти ин чорабинӣ изҳори сипос карданд.

Тоҷикистон ташаббускор ва пешбарандаи масъалаҳои об дар Созмони Милали Муттаҳид аст ва изҳори боварӣ карда шуд, ки бо кӯшиш ва дастгирии гурӯҳи намояндагони кишварҳо дар Созмони Милали Муттаҳид ин масъала дар оянда низ бар нафъи инсоният ба таври васеъ тарғиб хоҳад шуд.

Таъкид гардид, ки натиҷаҳои Конфронси Душанбе дар чорабинии канории Форуми сатҳи баланди сиёсӣ, ки моҳи июли соли ҷорӣ дар Ню — Йорк баргузор мегардад, муҳим хоҳад буд.

Дар ҷараёни мулоқот намояндагони гурӯҳи кишварҳои доимии назди Созмони Милали Муттаҳид ба нақши калидии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри қабули қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои марбут ба оби ошомидани, саҳми Сарвари давлати Тоҷикистон ҳамчун роҳбари узви Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об баҳри ҳалли мушкилоти глобалии сайёра ва дигар талошҳову тадбирҳои мушаххаси Тоҷикистон бар нафъи аҳли башар, баҳои баланд доданд.



## Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Мусобиқоти ҷаҳон оид ба футбол — 2018 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия

**Шоми 14 июн Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Мусобиқоти ҷаҳон оид ба футбол — 2018 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия иштирок карданд.**

Ҳамоиши бузурги варзишӣ 14 июн дар варзишгоҳи Лужникии шаҳри Москва оғоз гардид, ки дар он дастаҳои беҳтарини футболи як қатор кишварҳои олам ва футболбозони машҳури ҷаҳон барои дарёфти Ҷоми мусобиқот байни ҳам рақобат хоҳанд кард.

Дар маросими кушодашавии Мусобиқоти футбол дар баробари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин сарони як қатор давлатҳо ва ҳукуматҳо, аз ҷумла аз Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Боливия, Лубнон, Панама, Парагвай, Руанда, Арабистони Саудӣ ва дигарон иштирок карданд.

Дар рӯзи нахустини кушодашавии мусобиқоти ҷаҳон оид ба футбол аввалин шуда, тимҳои мунтахаби Россия ва Арабистони Саудӣ байни ҳам қувваозмоӣ карданд.

Бозиҳои футбол ва рақобати дастаҳои мунтахаби кишварҳои олам дар варзишгоҳҳои калони шаҳрҳои Москва, Санкт — Петербург, Сочи, Қазон, Волгоград, Самара, Ростови лаби Дон, Нижний Новгород, Саранск, Калининград ва Екатеринбурги Федератсияи Россия гузаронида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки бо талошҳову ташаббусҳои Пешвои миллат ва фаъолияти пурсамари Федератсияи футболи Тоҷикистон ин навъи варзиш дар саросари мамлакат хусусияти оммавӣ касб намуда, рушд карда истодааст.

Соли 2014 бо пешниҳоди Федератсияи футболи Тоҷикистон ва дастгирии амиқи Пешвои миллат барои тарғиби тарзи ҳаёти солим дар кишвар соли 2014 — «Соли оммавияти футбол» эълон гардида, дар доираи он инфрасохтори ин навъи варзиш хеле тараққӣ кард.

Дар натиҷа, дастаҳои мунтахаби наврасону ҷавонони Тоҷикистон ба чемпионатҳои Осиё роҳхат гирифта, тими мунтахаби кишвар ва дастаҳои машҳури ҷумҳурӣ борҳо бо дастаҳои пурқуввати қитъаи Осиё қувваозмоӣ карда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд.

**КОРМАНДОНИ НОЗИРОТИ АНДОЗ ДАР ШАҲРИ ИСТИҚЛОЛИ ВИЛОЯТИ СУҒД БАҲРИ АРЗАНДА ПЕШВОЗ ГИРИФТАНИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ САМАРАНОК МЕҲНАТ НАМУДА, ДАР ҒАНӢ ГАРДОНИДАНИ ҚИСМИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ АЗ АВВАЛИ СОЛИ РАВОН ТО ИН ДАВРА БА НАТИҶАҲОИ НАЗАРРАС НОИЛ ГАРДИДАНД.**

# ФАЪОЛИЯТИ МУРАТТАБ



Чи тавре ки сардори Нозироти андози шаҳри Истиқлол Фаррух Ҳакимов ба мо иттилоъ дод, дар панҷ моҳи сипаришудаи соли 2018 бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба қисми даромади буҷети давлатӣ беш аз 7 миллиону 60 ҳазор сомонӣ маблағ ворид карда шудааст, ки баробар ба 118,6 фоизи нақша мебошад.

Бино ба маълумоти Нозироти андоз шумораи соҳибкороне, ки дар шаҳри Истиқлол дар асоси патент фаъолият менамоянд, 156 нафарро ташкил медиҳанд. Маблағи аз ҳисоби патент рӯёнидашуда дар ин давра 130 ҳазору 690 сомониро ташкил дод.

Теъдоди соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунандаи шаҳри Истиқлол 45 адад буда, 42 ададашон эъломияҳои андозии худро ба тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд. Аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ тибқи шаҳодатнома ба қисми даромади буҷети давлатӣ воридоти маблағ дар ин муддат 59 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар рафти гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти андозсупорандагон дар ин давра ба маблағи зиёда аз 283 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шудаанд. Дар мавриди ошкору пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз аз аввали соли ҷорӣ то ин имрӯз 35 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати андозсупорандагоне, ки дар фаъолияти худ ба қонуншиканиии андоз роҳ додаанд, татбиқ карда шудаанд. Маблағи умумии ҷаримаҳои татбиқшуда дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 23 ҳазору 665 сомониро ташкил дод. Аз ин ҳисоб 16 ҳазору 765 сомониаш ба буҷети давлатӣ рӯёнида шудааст.

Дар самти пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, сари вақт огоҳ намудан бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйиру иловаҳои воридшуда ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ Нозироти андози шаҳри Истиқлол байни андозсупорандагон пайваста корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва семинар-машваратҳо доир менамояд. Ин тадбирҳо, албатта, ба баланд шудани маърифати ҳуқуқӣ ва андозии андозсупорандагон, кам гардидани ҳолатҳои қонунвайронкунии андоз мусоидат менамоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Илоҷи воқеа

## ПЕШ АЗ ВУҚӮЪ

**Чуноне дар ҷаласаҳои ҳайати Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шуд, бо вуҷуди гузаронидани ҷаласаҳои алоҳида, масъалаи дар эъломияҳои андоз дуруст (пурра) нишон додани шумораи воқеии коргарони кироя, пурра нишон додани музди меҳнати он расмият даровардани шартномаи меҳнатӣ, тибқи супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра зиёд намудани музди меҳнат ва боз ҳам ҷоннок намудани ҷамъоварии намудани андози даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ, назорати риояи қонунгузории андоз дар мавриди истифода аз кори кироя нокифоя буда, нишондиҳандаҳои дар эъломияҳо пешниҳоднамудаи субъектҳои хоҷагидор воқеиятро дуруст ва объективона инъикос наменамоянд.**



Чи тавре корҳои назоратии мақомоти андоз гувоҳӣ медиҳанд, субъектҳои зиёди хоҷагидор бо мақсади пинҳон намудани манбаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки музди меҳнат ба ҳисоб меравад, музди меҳнатро ба кормандони кироя ғайрирасмӣ пардохт менамоянд ва ҳатто дар ҳисоботи андозӣ ҳаҷми музди меҳнатро аз андозаи ҳадди аққали музди меҳнат дар ҳама соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06. 06. 2016, № 697 аз 1 июли соли 2016 ба андозаи 400 сомонӣ муқаррар гардидааст, камтар нишон дода, дар дигар ҳолатҳо шумораи кормандони кирояи воқеан истифодашавандаи худро дар эъломияҳои андоз пурра нишон намедиҳанд.

Бо мақсади ҳалли мустақилонаи масъалаҳои зикргардида Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри беҳтар намудани сатҳ ва сифати корҳои назоратӣ бо истифода аз маълумоти барномаҳои системаи иттилоотии андоз, гузаронидани корҳои таҳлилӣ ва ба андозсупорандагон бо роҳи ирсоли огоҳинома додани имконияти мустақилона барои бартараф намудани камбудиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта ва дар ин замина давра ба давра маҳдуд намудани шумораи санҷишҳои андоз, сари вақт рӯёндани бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби корҳои назоратӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз пайваста корҳои назоративу фаҳмондадиҳӣ мегузаронад.

Чуноне аз суҳбату вохӯриҳо бо андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз дар шаҳру ноҳияҳо бармеоянд, пас аз муҳокимаҳои пайвастаи Кумитаи андоз масъалаи мазкур дар баъзе шаҳру навоҳӣ қисман ҳалли худро ёфта истодааст. Махсусан, новобаста аз камбудиҳои ҷойдошта, натиҷаҳои бадастовардаи кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзодаро дар панҷ моҳи соли равон метавон қаноатбахш арзёбӣ намуд. Зеро дар ин давра мақомоти ҳудудии андоз дар фаъолияти 22 нафар шахсони ҳуқуқӣ мутобиқ ба муқарраароти моддаҳои 22, 37 ва 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати камералӣ гузаронида, беш аз 3 297 152 сомонӣ маблағҳои пинҳонкардашударо ошкор сохт, ки андозсупорандагон баъди гирифтани огоҳиномаҳо ба маблағи 2 360 248 сомонӣ ба мақомоти андоз эъломияҳои иловагӣ пешниҳод намуданд. 808816 сомонии маблағи ошкоршуда аз ҳисоби ҳақдорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда пӯшонда ва 1 403 337 сомонии он ба буҷа пардохт карда шуд. Айни замон маблағи бақияи андоз аз ҳисоби маблағҳои тибқи назорати камералӣ ошкоршуда 138135 сомониро ташкил медиҳад, ки он ҳам бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда рӯзҳои наздик ба буҷа пардохт карда хоҳад шуд.

Назорати камералӣ дар фаъолияти ҶДММ «Экспресс»-и шаҳри Турсунзода муайян намуд, ки ҷамъият музди меҳнати кормандони кирояро дар эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳодкардааш ба маблағи 269537 сомонӣ кам нишон дода, аз ин ҳисоб маблағи 35043 сомонӣ андози даромадро пинҳон кардааст. ҶДММ «Экспресс», ҳамчунин тибқи талаботи моддаҳои 212-218 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандаи андози иҷтимоӣ мебошад. Тибқи эъломияҳои пешниҳодгардида ҷамъият аз моҳи январи соли 2016 то моҳи апрели соли 2018 дар ҳисоботи хеш фонди музди меҳнатро 195869 сомонӣ нишон дода, андози иҷтимоиро ба маблағи 48967 сомонӣ ҳисоб ва пардохт намудааст.

Назорат ва таҳлили эъломияҳои пешниҳоднамудаи ҶДММ «Ҳоҷиакбар» бобати кам ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо шубҳаи кормандони андозро ба миён овард. Мутобиқи муқарраароти банди 4 қисми 3 моддаи 22, моддаи 37 ва қисми 4 моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Стандартҳои ягонаи дар фаъолияти воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Ҳоҷиакбар» дар шаҳри Турсунзода назорати камералӣ таъин карда шуд. Назорати камералӣ муайян намуд, ки ҷамъият музди меҳнати кормандонро дар ҳисоботи андоз пурра нишон надодааст. Аз ин хотир, фонди музди меҳнати кормандон аз нав ҳисоб гардид. Муайян карда шуд, ки маблағҳои пинҳонмондаи фонди музди меҳнат дар давраи таҳти санҷиш қарордошта 33588 сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин маблағи 4029 сомониаш ҳамчун андоз аз даромад ҳисоб карда шуд.

Тибқи эъломияҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда фонди музди меҳнат дар давра 45448 сомонӣ нишон дода, аз он мутобиқи меъёри 25 % маблағи андози иҷтимоӣ 11362 сомонӣ ҳисоб ва пардохт карда шудааст. Аммо дар рафти гузаронидани назорати камералӣ муайян гардид, ки бо роҳи таҳрифкории ҳисобот фонди музди меҳнатро муҳосиботи ҷамъият ба маблағи 33588 сомонӣ кам нишон додааст, ки маблағи андози иҷтимоии он мутобиқи меъёри 25 % маблағи 8397 сомониро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, маблағи умумии 12426 сомонии аз андоз пинҳонкардаи воҳиди алоҳидаи ҶДММ "Ҳоҷиакбар" ошкор ва ба буҷа пардохт карда шуд.

Кормандони мақомоти андоз барои муайян намудани сабаби камшавии шумораи кормандони ҶДММ "Хушдил" дар соли 2018 эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи ҷамъиятро таҳти назорату омӯзиш ва таҳлилу муқоисакуниҳо қарор доданд. Дар натиҷа, муайян карданд, ки камшавии маблағҳои андоз на аз ҳисоби камшавии шумораи кормандон, балки аз ҳисоби дар эъломияҳои андоз кам нишон додани фонди музди меҳнат ба амал омадааст. Масалан, ҷамъият аз моҳи январи соли 2017 то моҳи феврали соли 2018 фонди музди меҳнатро ба маблағи 8216 сомонӣ кам ҳисоб карда, ба маблағи 988 сомонӣ андози даромади шахсони воқеиро пинҳон намудааст.

Оид ба пардохти андози иҷтимоӣ корхона фонди музди меҳнатро ҳамагӣ 6000 сомонӣ нишон дода, аз ин тибқи меъёри 25 % андози иҷтимоии корхонаро 1500 сомонӣ ҳисоб намудааст. Ҳақиқати ҳол нишон дод, ки фонди музди меҳнати кормандон ба маблағи 8216 сомонӣ пинҳон карда шудааст, ки тибқи меъёрҳои муқарраргардида маблағи андози он 2054 сомониро ташкил медиҳад. Хулоса, дар натиҷаи гузаронидани назорати камералӣ ба маблағи умумии 3042 сомонӣ андозҳои пинҳонкардашуда ошкор гардид.

Дар гирифтани пеши роҳи ҳар гуна қонунвайронкуниҳо илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ бояд ҷӯст. Аммо дар баъзе мақомоти ҳудудии андоз ба асоснокии маълумоти дар эъломияҳо оид ба шумораи кормандон ва ҳаҷми музди меҳнат дарҷшаванда диққати ҷиддӣ надода, сарфи назар аз маълумоти оморӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти андозсупоранда доир ба соҳаи фаъолият нисбат ба эъломияҳои ягонаи андози даромад ва андози иҷтимоӣ тибқи тартиби муқарраршуда назорати камералӣ намегузаронанд, ки дар натиҷа ҳолатҳои дар ҳисобот аз ҳадди ақали муқарраршудаи музди меҳнат ҳам кам дарҷ гардидани ҳаҷми он ба назар мерасад.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Турсунзода**

**Тибқи талаботи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромад ва хароҷоти воқеии андозсупорандагон, ки ба гирифтани даромад алоқаманд аст, гузаронида мешавад.**

# Босамарии корҳои назоратӣ

***Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, ин муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти нави манбаъҳои андозбандӣ ва ошкор намудани иддае аз андозсупорандагоне мебошад, ки мақсади пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишавандаро доранд. Воқеан, дар ҷараёни кор ҳолатҳое мушоҳида мегардад, ки мақомоти андозро водор месозад, то қонуншиканиҳои бархе аз андозсупорандагонро пешгирӣ карда, бо мақсади муайян намудани манбаъҳои аслии андозбандишаванда муоинаи хронометражӣ гузаронад.***



Тавре аз Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур иттилоъ доданд то давраи 31.05.2018 аз тарафи кормандони мақомоти андоз бо мақсади муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда дар фаъолияти 49 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Даромади умумии 49 андозсупоранда дар давоми 5 моҳ ба ҳисоби миёна дар як моҳ 1069171 ҳазор сомониро ташкил дода, пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади ин субъектҳо ба ҳисоби миёна дар як моҳ ба 1965040 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, ки фарқият нисбат ба манбаи андозбандишаванда қаблан пешниҳоднамуда ба маблағи 895851 ҳазор сомонӣ дар як моҳ зиёд мебошад.

Нисбати андозсупорандагон барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи умумии 32000 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, пардохти маблағ ба буҷет таъмин гардидааст. Дар давоми 4 моҳи соли 2018 аз тарафи нозироти андоз фаъолияти андозсупорандагоне, ки ба истеҳсол ва фурӯши таом, хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум, сӯзишворӣ ва молҳои саноатӣ машғул буданд, таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода шудаанд. Натиҷаи муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ин андозсупорандагон нишон дод, ки бархе аз андозсупорандагон манбаи аслии андозбандишавандаро кам нишон медоданд. Тибқи тартиби муқарраргардида фурӯши воқеии онҳо бо санади дахлдор ба расмият дароварда шуд.

Самти дигари корҳои назоратӣ ин гузаронидани назорати камералӣ дар фаъолияти соҳибкорон ба ҳисоб меравад, ки он бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон гузаронида мешавад.

Тибқи муқарраррароти моддаи 22 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати андоз шакли назорати давлатӣ буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади иҷрои меъёрҳои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, амалӣ карда мешавад.

Назорати камералӣ яке аз шаклҳои назорати андоз ба шумор меравад, ки аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси талаботи моддаи 37 Кодекси андоз, анҷом дода мешавад.

Мақсади асосии гузаронидани назорати камералӣ пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупоранда ва додани имконият ба андозсупоранда барои то оғози санҷиши маҷмӯии андоз бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва пешгирӣ аз татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ нисбат ба андозсупоранда мебошад.

Аз тарафи кормандони мақомоти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ба санаи 31.05.2018 нисбати 94 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронда шудааст. Дар натиҷа тибқи тартиби муқарраргардида ба андозсупорандагон барои мустақилона бартараф намудани номутобиқатӣ ва камбудиҳои ҷойдошта огоҳиномаҳо ирсол шудааст. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ба маблағи зиёда аз 711254 сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардидааст. Аз ҳисоби эъломияҳои иловагии пешниҳодгардида ҳақдории (изофапулиҳои) андозсупорандагон ба маблағи 8662 сомонӣ пӯшонида шуда, ба 360143 сомонӣ пардохт шудааст. Ҳамин тариқ дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур барои пешгирии қонунвайронкуниҳои андозсупорандагон ҳамарӯза корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти баъзе андозсупорандагон ҳолатҳои саркашӣ аз андозсупорӣ ва фактҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ҳамчунин бо андозсупорандагони бемасъулият анҷом додани амалиётҳои иқтисодии моҳияти иқтисодинадошта низ мушоҳида карда шудаанд.

**Неъматулло НУРОВ**

**ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ**

# Пардохти бетаъхири андоз



Масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани маблағҳои зиёди бақияпулиҳои андоз, инчунин давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии на танҳо мақомоти андоз, балки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Боиси таассуф аст, ки баъзе шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, ба қонуншиканиҳои зиёд роҳ медиҳанд, яъне бо ҳар роҳу восита аз пардохти андозҳо канораҷӯӣ менамоянд ва дар маҷмӯъ, маблағи андозҳоро ба буҷет ворид кардан намехоҳанд. Вале соҳибкорон набояд фаромӯш кунанд, ки Кумитаи андоз дар асоси талаботи қонунгузории андоз пайваста санҷишҳои амалиётиву ҳуҷҷатӣ гузаронида, ҷиҳати пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз бо истифода аз ваколатҳои худ тамоми тадбирҳои зарурӣ ва саривақтиро меандешад. Бинобар ин, дуруст мебуд, ки шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ масъулияти худро дар назди давлат ва Ҳукумат пурра эҳсос карда, дар ҳамкорӣ бо мақомоти андоз уҳдадориҳои андозии худро иҷро намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**РӮЙХАТИ ҚАРЗДОРОНИ АНДОЗ АЗ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ДАР НОҲИЯИ ШОҲМАНСУРИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ БА ҲОЛАТИ 01.05.2018 СОЛ.**

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1 | КДММ «Автомосервис ва савдои ба номи «Вайс» | 6004 |
| 2 | КВД КВ «Тоҷиккино» | 124009 |
| 3 | КХИИ «Созтарош» ВФ ҶТ | 1702 |
| 4 | ҶДММ «Диёр» | 6373 |
| 5 | Раёсати хоҷагии манзилию коммуналии №3 | 2597 |
| 6 | Филлиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Шоҳмансур | 4357 |
| 7 | ҶСК «Авиастрой» | 9044 |
| 8 | КДММ «Коинот» | 95083 |
| 9 | ҶДММ «Замининшоот» | 40875 |
| 10 | КВ «Қитъаоти таъмини барқ»-и КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 4753 |
| 11 | ҶДММ «Промстрой сервис» | 21197 |
| 12 | Маркази мавҷпахшкунии телевизион ва радиои №1 (РТП Ц-1) | 16796 |
| 13 | ҶДММ «Кавсар» | 391151 |
| | **Ҷамъ** | **723941** |

**МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018**



## Германия оценит стратегическое влияние пошлин США на свое автомобильное производство

Германия подготовит заявление о стратегическом влиянии импортных пошлин со стороны США на продукцию своей автоиндустрии. Об этом канцлер Германии Ангела Меркель заявила на пресс-конференции в Берлине, передает «РИА Новости». Госпожа Меркель добавила, что ответ на пошлины США на сталь и алюминий будет «общеевропейским».

Напомним, обострение споров между США и европейскими странами вызвало решение Вашингтона ввести с 1 июня пошлины на импорт стали и алюминия (в размере 25% и 10% соответственно) из государств ЕС, Канады и Мексики. Вопрос о торговых пошлинах среди прочих обсуждался на саммите G7, прошедшем в Канаде. В качестве одного из вариантов разрешения ситуации президент США Дональд Трамп предложил создать в рамках «группы семи» зону беспошлинной торговли.

**https://www.kommersant.ru/doc/3656663**

# Сабабҳои қарздоршавии корхонаҳо

**Тибқи маълумоти Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба ҳолати 01.05.2018 дар ҳудуди шаҳр 20 адад корхонаи хурду бузурги саноатӣ ва зиёда аз 250 адад кооперативи тиҷоратӣ ва хоҷагиҳои кишоварзии фаъолияткунанда дар назди буҷети ҷумҳурӣ ба миқдори калон қарзи андоз доранд.**



Чунин ҳолро метавон дар фаъолияти корхонаҳои шаҳри Кӯлоб мушоҳида кард. Тибқи омори бахши саноатӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, ҳоло дар шаҳри Кӯлоб 50 корхонаи саноатӣ арзи вуҷуд доранд, ки бештари онҳо хусусӣ мебошанд.

Зимни як таҳқиқ маълум гардид, ки сабаби асосии ба амал омадани бақияи қарзи андоз дар шаҳри Кӯлоб бинобар фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ ва бемасъулиятии роҳбарони кооперативҳои тиҷоратию хоҷагиҳои кишоварзӣ будааст.

Мо аз корхонаи орди шаҳри Кӯлоб - ҶСК «Суғдиён» дидан намудем, ки тибқи иттилои Нозироти андози шаҳр, корхонаи мазкур ба ҳолати 01.05.2018 дар назди буҷет ба маблағи 354 ҳазору 560 сомонӣ қарздор аст. Сармуҳосиби ҶСК «Суғдиён» Бобоҷон Маҳсиддинов зимни суҳбат омилҳои қарздоршавиро ба мо чунин шарҳ дод:

- Сабабҳои қарздор шудани корхона, аввалан, аз бемасъулиятию хунукназарии роҳбарон пешин далолат медиҳад, ки сари вақт маблағи андозҳоро пардохт накардаанд ва дар натиҷа корхона то ба имрӯз аз андоз қарздор мебошад. Аммо бақияи қарз аз солҳои пеш то ба имрӯз омада расидааст. Корхона дар як шабонарӯз бояд 90 тонна орди хушсифат истеҳсол кунад. Бо сабабҳои набудани ашёи хом корхона ҳоло фаъолият намекунад.

Номбурда инчунин, қайд кард, ки аз соли 2009 то соли 2013 корхона дар назди буҷет зиёда аз 117 ҳазор сомонӣ аз андоз қарздор буд. Ҳоло 480 ҳазор сомонӣ.

ҶСК «Тоҷиктелеком» (роҳбараш С. Кароматов) дар назди буҷет ба маблағи 61 ҳазору 997 сомонӣ қарздор мебошад. Сардори корхона С. Кароматов мегӯяд «ҶСК «Тоҷиктелеком» 41 ҳазор сомонӣ қарздор аст, на 61 ҳазор.

ҶДММ «Ориён Рӯстам» ҳам аз қабили корхонаҳои қарздор аст. Корхонаи мазкур ба истеҳсоли хасиб машғул буда, тибқи маълумоти Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба ҳолати 01.05.2018 дар назди буҷет ба маблағи 18 ҳазору 131 сомонӣ қарздор аст. Амриддин Рустамов, роҳбари ин корхона ҳангоми суҳбат аз қарздории корхонаи худ изҳори бехабарӣ намуда, афзуд, ки сари вақт маблағи андоз пардохт карда мешавад. Мо ҳамеша маблағи андозро пардохт мекунем. Бештари корхонаҳо аз солҳои пешин то ба имрӯз дар назди буҷет қарздор мебошанд. Саъй мекунем, ки қарзи андозро кам кунем.

Тибқи иттилои нозироти андози шаҳр ҶСК «Пойафзоли Кӯлоб» дар назди буҷет ба маблағи 50427 сомонӣ қарздор аст. Бақияи қарзи андозҳои нисбатан калон ба ҶДММ «Хишти Кӯлоб» (ба ҳолати 1 майи соли 2018) - 1 млн. 570 ҳазору 326 сомонӣ, ҶДММ «Сомон Кӯлоб таҷҳизот» - 928317 сомонӣ, ҶДММ «Зарҳам» - 118712 сомонӣ, ҶСК «Кулобгаз» - 873638 сомонӣ, ҶДММ «Ҷалолӣ» - 17 ҳазору 305 сомонӣ, ҶСНК «Пахтаи Кӯлоб» - 654363 сомонӣ, ҶДММ «Хатлон» - 66753 сомонӣ, ҶДММ «Иқлим» - 14 ҳазору 475 сомонӣ, МДНРА шаҳри Кӯлоб - 23 ҳазору 895 сомонӣ рост меояд.

Инчунин, аксари кооперативҳои тиҷоратӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Кӯлоб дар назди буҷет қарздоранд.

Кормандони Нозироти андози шаҳри Кӯлобро зарур аст, ки барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои афзоиши бақияи қарзи андозҳо тамоми чораҳои заруриро андешанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**ш. Кӯлоб**

**Насбу истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии (МНХ) дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (ТИЭ) шарти муҳими ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна буда, яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани маданияти хизматрасонӣ ва иҷрои ҳисобу китоби пулӣ бо аҳолӣ мебошад. Ин аст, ки таваҷҷуҳ ба истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ бештар мегардад ва рӯз аз рӯз навъҳои хубтари чунин таҷҳизот мавриди истифодабарӣ қарор гирифта истодаанд.**

# Истифодаи МНХ



Бо мақсади огаҳӣ пайдо намудан аз вазъи истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва назорат аз рӯи он бо кормандони Нозироти андози ноҳияи Хуросон ҳамсуҳбат гаштем ва дар якҷоягӣ бо онҳо аз чанде нуқтаи савдо дидан кардем.

Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон Фаридун Гулов қайд кард, ки агар имрӯз дар ноҳия 84 нафар соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома фаъолият карда истода бошанд, аз ин 73 нафарашон бо мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ таъминанд. Нақшаи таъминоти мошинҳои назоратӣ-хазинавиро, ки имсол 36 ададро ташкил медиҳанд, то имрӯз бо пуррагӣ иҷро кардаем. Вобаста ба истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ мо пайваста санҷишҳо мегузаронем. Ҳастанд нафароне, ки аз мошинҳои назоратӣ - хазинавӣ дуруст истифода намекунанд. Ин ҳолатҳоро ошкор намуда, нисбаташон чораандешӣ менамоем.

> **АММО**
> АГАР ҚУВВАИ БАРҚ ХОМӮШ ҲАМ БОШАД ВА АЗ МНХ ИСТИФОДА НАКУНЕМ, ҲАМАИ АМАЛИЁТИ САВДОРО ДАР ДАФТАРИ БАҚАЙДГИРИИ МАБЛАҒҲОИ НАҚДӢ ДАРҶ МЕКУНЕМ.

Дар робита ба ин, нозири минтақавии шахсони ҳуқуқии нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон Сафармуҳаммад Шарифов иброз дошт, ки дар фаъолияти ҶДММ «Суҳайлӣ» санҷиш гузаронида шуд, ки дар натиҷа, мувофиқат накардани маълумоти мошини назоратӣ - хазинавӣ ва китоби қайди даромадҳо, дуруст истифода нашудани мошинҳои назоратӣ - хазинавӣ ошкор шуд. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ба маблағи 2000 сомонӣ ҷаримабандӣ гардид.

Аз фурӯшгоҳи дигар, ки сарвараш Муҳаммад Нуралиев будааст, дидан кардем, ки дар ҷамоати деҳоти Қизилқалъаи ноҳия фаъолият бурда, дорои шаҳодатнома мебошад. Ин ҷо фурӯшанда Қосим Нуралиев ҳангоми савдо ба мардум аз мошини назоратӣ-хазинавӣ истифода намекард. Чун ҳолатро пурсон шудем, гуфт, ки қувваи барқ як соат боз хомӯш аст. Вақте қувваи барқ хомӯш бошад, мо аз МНХ истифода карда наметавонем. Фурӯшанда илова намуд, ки харидорон умуман чиптаҳои харидашонро намегиранд. Аммо агар қувваи барқ хомӯш ҳам бошад ва аз МНХ истифода накунем, ҳамаи амалиёти савдоро дар дафтари бақайдгирии маблағҳои нақдӣ дарҷ мекунем.

Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон, Фаридун Гулов, ки моро ҳамроҳӣ мекард, гуфт, ки аз тарафи кормандони нозироти андоз дар самти истифодаи МНХ корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шудааст. Қариб ҳамарӯза дар фаъолиятамон бо соҳибкорон корҳои тарғиботӣ-фаҳмондадиҳиро пеш мебарем ва ин то андозае натиҷаи назаррас медиҳад. Нисбат ба чанд соли қабл истифодаи мошини назоратӣ- хазинавӣ беҳтар аст ва андозсупорандагон дар бораи он маълумоти кофӣ низ доранд.

Нуқтаҳои дигари савдоро, ки дар маркази ноҳия ҷойгир буданд, мавриди мушоҳида қарор додем. Зимни мушоҳида аниқ гардид, ки ин ҷо низ вазъ беҳтар аст.

Дар нуқтаи фурӯши маҳсулоти ниёзи мардум соҳибкори инфиродӣ Фирдавс Шодиев тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунад. Аммо худи соҳибкорро пайдо накардем. Дар ҷои ӯ зане ба савдо машғул буд, ки худашро модари Фирдавс Шодиев муаррифӣ намуд. Фурӯшанда изҳор дошт, ки дар бораи истифодаи мошини назоратӣ - хазинавӣ тасаввурот надорад.

Дар нуқтаи фурӯши маҳсулоти ниёзи мардум «Муаллими Назрулло» низ духтаре ба фурӯши маҳсулот машғул буд ва аз мошини назоратӣ-хазинавӣ истифода намекард. Гуфт, ки ин ҷо дигар кас савдо мекунад ва ӯ муваққатан ҷои фурӯшандаро иваз намудааст. Ба ҳамин хотир аз мошини назоратӣ - хазинавӣ истифода карданро намедонад.

Ҳаким Ахмедов соҳибкори инфиродӣ буда, бо шаҳодатнома фаъолият дорад. Ҷавоне ба фурӯши маҳсулот машғул буд, вале мошини назоратӣ - хазинавӣ ба чашм намерасид. Фурӯшанда гуфт, ки дастгоҳро ба шаҳри Бохтар барои таъмир бурдаанд, пас аз 3-4 рӯз хоҳанд овард.

Чуноне ба назар расид, танҳо як нуқтаи савдо нисбати дигарон фарқ дошт. Нуқтаи фурӯши маҳсулоти ниёзи мардум, ки дар он соҳибкори инфиродӣ Билолиддин Азимов фаъолият мебарад, мошини назоратӣ - хазинавӣ хуб истифода мешуд. Мушоҳида кардем, ки он ҷо ба харидорон чиптаҳоро сари вақт пешниҳод мекунанд. Харидорон ҳам чиптаҳои харидашонро бо худ мегиранд. Соҳибкор Билолиддин Азимов дар масъалаи истифодаи МНХ қайд кард, ки мо ба чунин таҷҳизот ниёз доштем ва ба имрӯз ҳам дорем. Кори моро хело осон намудааст. Даромадҳоямонро ҳисоб мекунад. Дар супоридани ҳисоботи Нозироти андоз корамон осон шудааст. Агар соҳибкори муваффақ шудан хоҳем, мо бояд баробари замон қадам монем. Қонуну қоидаро риоя кунем. Бо насупоридани андоз ё пинҳонкориҳо ҳаргиз муваффақ шуда наметавонем. Аз ин лиҳоз, мо ҳамеша мошини назоратӣ - хазинавиро дуруст истифода мекунем....

**Суҳроби РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

Боҷу ХИРОҶ
№25 (1122)
21 июни соли 2018



## АНДОЗСУПОРАНДАГОНЕ, КИ БА РӮЙХАТИ «АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ БЕМАСЪУЛИЯТ» ДОХИЛ КАРДА ШУДААНД



Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2018, таҳти №209 номгӯи андозсупорандагон бо сабабҳои дуруст ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва пардохт накардани бақияи қарзи андоз, пешниҳод накардани эъломияи андоз, амалан анҷом нададани амалиёти андозбандишаванда ва пардохт накардани маблағи дар натиҷаи санади санҷиши барилова ҳисобшуда ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил карда мешаванд. Инчунин, бино бар бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ҳамзамон татбиқи чораҳои маъмурӣ як қатор андозсупорандагон аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ карда мешаванд.

| № | Номгӯи андозсупоранда | Сабабҳои ба рӯйхати «андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани андозсупорандагон |
|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Фортуна» | дуруст ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва пардохт накардани бақияи қарзи андоз |
| 2 | ҶДММ «Сорбон 2015» | дуруст ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва пардохт накардани бақияи қарзи андоз |
| 3 | ҶДММ «А-Хаём» | дуруст ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва пардохт накардани бақияи қарзи андоз |
| 4 | ҶДММ «Умед» | дуруст ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва пардохт накардани бақияи қарзи андоз |
| 5 | ҶДММ «Ваҳдат 2015» | пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 6 | ҶДММ «Ҳофиз-2015» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 7 | ҶДММ «Корафзо» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 8 | ҶДММ «Муҳаммад Юсуф» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 9 | ҶДММ «Камол Компания-2015» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 10 | ҶДММ «Кишвар-2016» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 11 | ҶДММ «Зафар-ЛТД» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 12 | ҶДММ «Ориё Таъминот» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 13 | ҶДММ «Бинокор-95» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 14 | ҶДММ «Ҳафт Ситора» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 15 | ҶДММ «Ибрис Групп» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 16 | ҶДММ «Нуролои Г» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 17 | ҶДММ «Арбоб Сохтмон» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 18 | ҶДММ «Дӯстӣ 2017» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 19 | ҶДММ «Муҳиддин» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 20 | ҶДММ «Деҳсохтмон 11» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 21 | ҶДММ «Шаҳроми Хуросон» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 22 | ҶДММ «Ваҳобчон» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 23 | ҶДММ «Хусрав» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 24 | ҶДММ «Пушинг 2013» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 25 | ҶДММ «Шамол» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 26 | ҶДММ «Машъал-01» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 27 | ҶДММ «Ширкати сохтмонию васлу таъмиргари истеҳсолии «Рамзи Сомон» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 28 | ҶДММ «Давлат 2012» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 29 | ҶДММ «Фреш» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 30 | ҶДММ «Сохтмон Баракат» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 31 | ҶДММ «Актив И.Э» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 32 | ҶДММ «МК Баракат» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 33 | ҶДММ «Таджойл» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 34 | ҶДММ «Диёри Нав» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 35 | ҶДММ «Шоҳкан» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 36 | ҶДММ «Сомон 2017» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 37 | ҶДММ «Роҳи Сомон» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 38 | ҶДММ «Даврон И» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 39 | ҶДММ «Раъно У» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 40 | ҶДММ «Шукрия-А» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 41 | ҶДММ «Собит Тичорат» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 42 | ҶДММ «Файз 2012» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 43 | ҶДММ «Баҳром 2001» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 44 | ҶДММ «Роҳи Нотамом» | бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 45 | ҶДММ «Шаҳмаран» | пардохт накардани маблағи дар натичаи санади санҷиши барилова ҳисобшуда |

**Истифодаи технологияҳои ҳозиразамон, ба роҳ мондани пешниҳоди эъломия ва ҳисобот ба мақомоти андоз, анҷом додани таҳлилҳо дар доираи барномаҳои компютерӣ, ҳамзамон баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагон, аз вазифаҳои муҳими Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.**

# Вазъи нигаронкунанда

Мутобиқи талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон ӯҳдадоранд, ки дар эъломияҳои андоз даромади воқеии худро дарҷ намуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода намоянд.

Дар асоси моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ, талаботи техникӣ ба мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ (назоратӣ), инчунин талабот нисбат ба системаи компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои электронӣ" аз 2 майи соли 2013, №210 муқаррар шудааст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва додани чеки назоратӣ анҷом дода мешаванд.

Мутобиқи Фармоиши Кумитаи андоз аз 8 январи соли 2018, таҳти №10 "Оид ба нақшаи таъмини мошини назоратӣ-хазинавӣ барои соли 2018" мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар панҷ моҳи соли 2018-ум 4168 андозсупорандаро бо МНХ таъмин намоянд. Дар робита ба ин, сардори шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода гуфт, тибқи маълумоти Системаи иттилоотии андоз (СИА) "Бақайдгирӣ ва назорати МНХ" дар панҷ моҳи соли 2018 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз иҷрои нақшаи пешбинишуда, дар маҷмӯъ, 101% (4198 адад МНХ) иҷро гардида бошад ҳам, вале новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андоз, ҷаласаҳои қаблан гузаронидашуда ва баркиномаҳои ирсолгардида баъзе шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз иҷрои нақшаи МНХ дар панҷ моҳи соли ҷорӣ баромада натавонистанд. Аз ҷумла, нақшаи пешбинишударо шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур 85%, Сино 69%, Ҳисор 92%, Варзоб 80%, Шаҳринав 87%, Сангвор 0%, Вахш 76%, Кушониён 95%, Хоруғ 25%, Ванҷ 40%, Дарвоз 13%, Рушон 0%, Роштқалъа 0%, Шуғнон 0%, бахшҳои НАМ дар Шоҳмансур 77%, Исмоили Сомонӣ 88%, Фирдавсӣ 69%, Сино 76%, Хуҷанд 64%, Гулистон 53%, Бӯстон 47%, Бобоҷон Ғафуров 20%, Ҷаббор Расулов 30%, Спитамен 15% ва Дастгоҳи марказӣ 50% иҷро кардаанд, ки ин вазъ хеле нигаронкунанда аст.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти аксарияти марказҳои хизматрасонии техникӣ ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пурра мутобиқат накарда, камбудӣ ва норасоҳои зиёд дар фаъолияташон ҷой доранд.

Дар ҳақиқат, камбудию норасоиҳо дар мавриди таъмини соҳибкорон бо МНХ, хизматрасониҳои техникӣ ва назорати истифодаи МНХ то андозае ҷой доранд ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри давра ба давра беҳтар намудани раванди таъмини нуктаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ, ки ирсоли маълумотро ба махзани маълумоти Кумитаи андоз таъмин менамояд ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонии техникии мошини назоратӣ-хазинавӣ чораҷӯӣ карда истодааст.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА

# Ҳиндустон боҷҳо барои молҳои амрикоиро баланд мебардорад

**Ҳиндустон боҷ барои молҳои хориҷӣ, яъне амрикоиро то 30 фоиз баланд мебардорад. Ҳиндустон баъди аз тарафи ИМА муқаррар шудани боҷҳои иловагӣ барои маҳсулоти алюминӣ ва пӯлодӣ ба чунин қарор омадааст.**

Рӯйхати молҳоро Ню-Дели аллакай ба созмони умумиҷаҳонии савдо (СҶС) пешниҳод кардааст.

Барои баъзе молҳои филизӣ, кишоварзӣ, як қатор моделҳои мототсиклҳо ва дигар молҳо боҷҳо то 50% афзун мешаванд.

Тавре нашрияи ҳиндӣ хабар медиҳад, Ҳиндустон, дар маҷмӯъ, ният дорад аз тадбирҳои ҷавобии иқтисодӣ 239 миллион доллар фоида ба даст орад.

Тавре дар мусоҳиба бо РИА «Новости» вазири савдои Ҳиндустон гуфтааст, протекционизм ва сиёсати таҳримҳо натиҷаи хуб надоранд ва ба иқтисоди ҷаҳонӣ таъсири ногувор мерасонанд.

Ба андешаи вазир, амалҳои якҷониба ба аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои нисбатан суст тараққикарда зарар мерасонанд, зеро низоми серсоҳаи савдои ҷаҳониро беобрӯ мекунанд, махсусан ба фаъолияти СҶС таъсири калони манфӣ мерасонанд.

# Фаъолияти корхонаи «Бофанда»-ро сарвазир ғайриқаноатбахш арзёбӣ кард

**Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода дар асоси дастуру супоришҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти корхонаҳои «Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик Бофанда» ва «Чарм» шинос шуд.**



Бино ба иттилои АМИТ «Ховар», зимни шиносой бо фаъолияти «Иттиҳодияи Истеҳсолии нассоҷии тоҷик Бофанда» сарвазири мамлакат фаъолияти ин корхонаи бузурги истеҳсолиро ғайриқаноатбахш арзёбӣ карда, ба масъулон дастур дод, ки ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷойдошта аз тамоми имконият самаранок истифода намоянд ва бахри тақвият бахшидани корҳои истеҳсолӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Сарвазири мамлакат таъкид намуд, дар сурате, ки аз ҷониби Пешвои миллат тадбирҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст, ниҳодҳои дахлдор ва соҳибкорони ватаниро зарур аст, барои тақвияти иқтидори истеҳсолии воридотивазкунанда чораҳои зарурӣ андешанд. Зеро бо ин васила ҳам иқтисоди миллӣ рушд мекунад ва ҳам сокинон соҳиби ҷойи кори доимӣ гардида, сатҳи зиндагии хешро баланд мебардоранд.

Сарвазири мамлакат барои таҳлил ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти истеҳсолии корхона аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор таъсис додани гурӯҳи кории салоҳиятнокро талаб намуда, ба вазорату идораҳои соҳавӣ дастур дод, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва рушди минбаъдаи корхона чораҷӯӣ намоянд.

Сарвазири мамлакат ҳамчунин бо фаъолияти корхонаи «Чарм», ки асосан ба истеҳсоли пойафзол машғул аст, шинос шуд. Дар ин корхона ҳам барои низомиён ва ҳам барои сокинон пойафзол истеҳсол карда мешавад.

Бо амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ ва истифодаи имконоти мавҷуда фаъолияти ин корхона марҳила ба марҳила тақвият ёфта, имрӯз маҳсулоти истеҳсолии корхона дар бозори дохилӣ рақобатпазир мебошад.

Сарвазири мамлакат фаъолияти ин корхонаи истеҳсолиро хуб арзёбӣ карда, ба масъулон дастур дод, ки барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ бо пойафзол бо истифода аз технологияи муосир истеҳсолотро боз ҳам зиёд намоянд.




# ПЕШГИРИИ НАҚЗИ ҚОНУН

**Яке аз ҳадафҳои асосии гузаронидани корҳои назоратӣ (аз ҷумла хариди назоратӣ) аз ҷониби мақомоти андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андозҳои дар рафти амалиётҳо ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупорандагон ба ҳисоб меравад.**

## НАТИҶАҲО

Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад.

Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти мақомот дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар самти таъмини андозсупорандагон бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ ва гузаронидани хариди назоратӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Илова бар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз низ вазифадор шудаанд, ки дар фаъолияти андозсупорандагони вобасташуда ҳар моҳ на кам аз панҷ хариди назоратӣ гузаронанд.

Барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва истифодаи МНХ аз ҷониби онҳо кормандони мақомоти андоз дар марказҳои савдою хизматрасонӣ ва бозорҳои кишвар пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал барои беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ мебошад.

## ШУМОРАИ ХАРИДИ НАЗОРАТӢ

Тавре сардори шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода мегӯяд, дар панҷ моҳи соли 2018 дар мақомоти ҳудудии андози кишвар, дар маҷмӯъ, 1729 адад хариди назоратӣ ба маблағи 5,9 миллион сомонӣ гузаронида шудааст, ки аз ин маблағ 3,9 миллион сомонии он ба буҷет пардохт гардидааст ва он 67,0 фоизи пардохти ҷаримаҳои маъмуриро ташкил медиҳад. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2017-ум 319 адад ба маблағи 727,1 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Кор дар самти ситонидани бақияи қарзи андоз ва маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ идома дорад.

## ВАЗЪИ ТАШВИШОВАР

Бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, фаъолияти баъзе мақомоти ҳудудии андоз дар самти назорати истифодаи МНХ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани хариди назоратӣ қаноатбахш нест. Яъне ҳоло ҳам ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар онҳо ҳамагӣ аз як то се адад хариди назоратӣ гузаронида шудаасту халос. Аз ҷумла, дар моҳи майи соли равон аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав 2 адад, Роғун 1 адад, Файзобод 1 адад, Варзоб 3 адад, Исмоили Сомонӣ 1 адад, Гулистон 2 адад, Истиқлол 1 адад, Деваштич 1 адад, Истаравшан 2 адад, Айнӣ 1 адад, Панҷакент 1 адад, Спитамен 2 адад, Кушониён 1 адад, Вахш 1 адад, Ҷалолиддини Балхӣ 2 адад, Абдураҳмони Ҷомӣ 2 адад, Ҷайҳун 1 адад, Шаҳритус 1 адад, Данғара 1 адад, Леваканд 1 адад, Восеъ 2 адад, Темурмалик 1 адад ва Ховалинг 1 адад хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ки ин, албатта, нокифоя мебошад. Аммо, ташвишовар он аст, ки аз тарафи нозиротҳои андози ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Нуробод, Сангвор, Ашт, Шаҳристон, Хуросон, Панҷ, Носири Хусрав, Фархор, Муъминобод, Шамсиддини Шоҳин ва Балҷувон дар моҳи майи соли ҷорӣ ягон адад хариди назоратӣ гузаронида нашудааст.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

# США ввели пошлины на китайские товары

**США вводят 25-процентную пошлину на товары из КНР. Это затронет примерно десятую часть китайского импорта в Америку, заявил Дональд Трамп.**

Уточняется, что новые сборы коснутся импорта китайских товаров, которые содержат индустриально значимые технологии, на сумму 50 миллиардов долларов.

«Соединенные Штаты не могут больше терпеть потерю нашей технологии и интеллектуальной собственности из-за несправедливых экономических действий», — сказал американский лидер.

Если КНР ответит на это, Вашингтон введет дополнительные ввозные пошлины. Данные меры призваны стать первым шагом в восстановлении торгового баланса с КНР, в котором сейчас наблюдается огромный дефицит США, заключил Трамп.

В Пекине уже заявляли, что незамедлительно ответят на любые протекционистские меры США.

Ранее сообщалось, что новые тарифы вступят в силу после публикации списка товаров.

Кроме того, США намерены 30 июня объявить о мерах по ограничению инвестиций и дополнительному контролю над экспортом технологий для китайского бизнеса.

В начале апреля США опубликовали список из 1,3 тысячи китайских товаров, против которых могут быть введены импортные пошлины как ответ на нарушение Китаем интеллектуальных прав на американскую продукцию.

В ответ на это Госсовет Китая принял решение о введении пошлин в размере 25% на 106 наименований товаров, импортируемых из США.



# Моҳияти андозҳо

**Буҷети давлатӣ, асосан аз ҳисоби се манбаъ ғанӣ гардонида мешавад: аз ҳисоби андозҳо, қарз ва фурӯхтани моликияти давлатӣ.**

**Доир ба мавқеи андозҳо дар таъмини даромади буҷети давлат суҳбате доштем бо мудири бахши маъмуркунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров, ки фишурдаи онро пешкаши шумо мегардонем.**

**- Нахуст мегуфтед, ки андозҳо дар таъмини қисми даромади буҷети давлат чӣ нақше доранд?**

- Бояд гуфт, ки қисми асосии даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби андозҳо таъмин карда мешавад. Андозҳо як навъ пардохти маданӣ ба ҳисоб рафта, дар таҳким ва густариши давлатдорӣ нақши муҳим дорад. Зеро давлат муваззаф мебошад, ки бехатарии мардум, амнияти давлатӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва маорифро таъмин намояд.

Аз ин лиҳоз, айни ҳол, қисми даромади буҷети давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонро маҳз андозҳо ташкил медиҳад.

Ба ҳисоби миёна тайи солҳои охир андозҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ мешаванд, то ба 22 %-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар мебошад, ки ин нишондиҳандаи хуб ба ҳисоб меравад.

**- Мавқеи асосиро дар ташаккули ғановати буҷет кадом намуди андозҳо ишғол мекунад: мустақим ё ғайримустақим?**

- Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳо дар низоми андози худ ду шакли андоз - мустақим ва ғайримустақим дорад. Дар байни андозҳои мустақим муҳимтарашон андоз аз даромад ва андоз аз фоида мебошад. Андоз аз даромад аз шахсони воқеӣ ситонида мешаваду андоз аз фоида аз шахсони ҳуқуқӣ, ки дар қисми даромади буҷети давлатӣ беш аз 30%-ро ташкил медиҳанд. Ба андозҳои ғайримустақим андоз аз арзиши иловашуда ва андози аксиз дохил мешаванд. Дар баробари ин, боҷҳои гумрукие ҳастанд, ки аз ҷониби мақомоти гумрук ситонида мешавад ва ба категорияи андозҳои ғайримустақим мансуб мебошанд. Аз андозҳои ғайримустақим нақши калидиро андоз аз арзиши иловашуда мебозад, ки дар маҷмӯъ, ба ҳисоби миёна дар тайи солҳои охир қариб то 20 фоизи даромадҳои умумии андозҳои аз тарафи мақомоти андоз ҷамъоваришударо ташкил медиҳад.

**- Дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон сиёсати идоракунии молияи давлатӣ ба он нигаронда шудааст, ки даромадҳои ҳадди ақал ва аксар бо ҳамдигар наздик карда шаванд. Назари Шумо дар ин маврид?**

- Дар ҳар як давлат принсипи адолати иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Барои ҳамин, дар бисёр кишварҳо андоз аз даромад аз шахсони воқеии ҷоригардида бо услуби прогрессивӣ мебошад. Яъне ҳарчанд шахс даромади бештаре мегирад, меъёри андоз аз даромади ӯ бештар мешавад. Ин имконият медиҳад, ки адолати иҷтимоӣ аз нуқтаи назари гирифтани даромад таъмин шавад. Барои ҳамин, дар кишварҳои аврупоӣ меъёри андоз аз даромад барои шахсони воқеӣ то 50 фоизро ташкил мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди миёнамуҳлати худро бо мақсади ҳавасмандгардонӣ нисбат ба андози даромад меъёри пастар, яъне 8% ва 13% пешбинӣ намудааст. Фикр мекунам, бо сипарӣ шудани як давраи миёнамуҳлат мо метавонем, ки бо натиҷаи таҳлилҳои иловагӣ, меъёри андоз аз даромадро оҳиста - оҳиста баланд намоем, то ин ки адолати иҷтимоӣ дар қисмати даромади шаҳрвандон таъмин карда шавад.

**- Вақте хароҷоти давлат меафзояд, зарурат ба миён меояд, ки меъёри андозҳо зиёд карда шавад. Оё давлат барои ҳал кардани масъалаи мазкур андози фоидаи шахсони ҳуқуқиро бояд зиёд кунад?**

- Аз нуқтаи назари молияи давлатӣ, давлат пайваста эҳтиёҷ ба пул дорад ва асоси пулии давлатиро андозҳо ташкил мекунад. Ҳангоме, ки хароҷоти давлат меафзояд, зарурат ба амал меояд, ки меъёри андозҳо боло ё ин ки манбаи андозбандишавандаи андозҳо васеъ карда шавад. Аз ин ҳисоб давлат метавонад, ки даромади иловагӣ гирифта, ба самтҳои гуногуни ба давлат зарур харҷ намояд. Роҳи дигари рӯйпуш кардани хароҷот ин васеъ кардани иқтисодиёти кишвар аст. Аз ҳисоби васеъ кардани иқтисодиёти кишвар ва зиёд шудани фаъолияти соҳибкорӣ, даромади соҳибкорон меафзояд ва даромади давлатӣ низ аз ин ҳисоб боло меравад.

Дар давраи миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи рушд додани иқтисодиёти кишвар, ривоҷи соҳибкорӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва амсоли инҳоро пеш гирифтааст, ки фаъолияти босамари онҳо дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши калон доранд. Вале дар марҳалаи дарозмуддат давлат ҳатман манбаи андозбандӣ ё меъёри андозҳоро бояд зиёд кунад ва бо услуби нав на аз ҳисоби андозҳои мустақим, балки оҳиста – оҳиста аз ҳисоби зиёд кардани андозҳои ғайримустақим сурат мегирад.

**Мусоҳиб**

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Ҷонибдории вакилон аз имтиёзҳо ба «Тоҷикаэронавигатсия»

**Вакилони палатаи поёнии парлумон пешниҳоди ҳукумати Тоҷикистонро дар мавриди додани имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба Корхонаи воҳиди давлатии КВД «Тоҷикаэронавигатсия» ҷиҳати ворид намудани таҷҳизоти муосири радионавигатсионӣ ҷонибдорӣ намуданд.**

Бино ба иттилои АМИТ «Ховар», дар ин росто, ба Қонуни ҶТ «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» илова ворид гардид.

Муовини Вазири молияи ҷумҳурӣ Ҷамшед Нурмуҳаммадиён ҳадафи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018»-ро дар Парлумони мамлакат тавзеҳ дода, гуфт, ки ин тадбир ҷиҳати иҷрои «Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2025» андешида шудааст.

Мавсуф афзуд, ки дар асоси ворид намудани илова ба қонуни мазкур КВД «Тоҷикаэронавигатсия» барои ворид намудани таҷҳизоти муосири радионавигатсионӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад. Ҳадафаш таъмини рушди минбаъдаи соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ва ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасонӣ, аз ҷумла, таъмини амнияти парвозҳо дар фазои ҳавоии кишвар мебошад.

Тибқи шартнома, арзиши таҷҳизоти воридшаванда 1,2 миллион доллар буда, маблағи имтиёзҳои андозию гумрукӣ 278,4 ҳазор доллари амрикоӣ ё 2,5 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Таъкид гардид, ки бо харидорӣ ва васл намудани таҷҳизоти муосири радиоэлектронӣ аз сӯи КВД «Тоҷикаэронавигатсия» имконият пайдо мегардад, ки маблағҳои буҷавӣ барои Вазорати мудофиаи мамлакат сарфа шуда, бо назардошти созмон додани низоми парвозҳои бехатар дар фазои ҳавоӣ ва фурӯдгоҳҳои кишвар сатҳу сифати хизматрасонӣ беҳтар гардад.

Муовини директори генералии КВД «Тоҷикаэронавигатсия» Раҳимҷон Саидов, ки ҳамзамон дар баррасии масъалаи мазкур ҳузур дошт, гуфт, ки воридоти таҷҳизоти муосир ба таъмини бехатарии фазои ҳавоии кишвар, рушди соҳаи авиатсияи гражданӣ ва зиёд намудани парвозҳои транзитӣ мусоидат менамояд.

Раҳимҷон Саидов зикр кард, ки таҷҳизоти муосири радионавигатсионӣ вақтҳои наздик ба кишвар ворид гардида, интизор меравад, ки моҳи июл насбу васл шаванд. Мавсуф афзуд, ки таҷҳизоти муосири воридшаванда таҷҳизоти муайянкунандаи самти масофаи ҳавопаймо то фурӯдгоҳ буда, шаш адад мебошанд. Ин таҷҳизот дар тамоми фурӯдгоҳҳои кишвар ва ду адади он дар нуқтаҳои баландтарини мамлакат, ба мисли ағбаи Шаршар ва шимоли кишвар насб карда мешаванд.

Таъкид шуд, ки воридоти таҷҳизоти муосири радионавигатсионӣ барои таъмини амнияти фазои ҳавоии кишвар аз аҳамияти калон бархӯрдор буда, дар ин росто ба афзоиш ёфтани хатсайрҳои транзитӣ дар фазои ҳавоии кишвар мусоидат менамояд.

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА

# Дар Ӯзбекистон барои истеҳсолкунандагони нӯшокиҳои спиртӣ ва тамоку пардохти нав ҷорӣ гардид

Истеҳсолкунандагони нӯшокиҳои спиртӣ ва сигаретаҳо аз 1 июн сар карда барои рушди варзиш дар Ӯзбекистон маблағи иловагӣ пардохт мекунанд. Маблағҳои аз ин ҳисоб бадастомада ба фонди рушди назди вазорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузаронда мешаванд.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ин бора ҳанӯз моҳи март қарори махсус ба имзо расонда буд. Тибқи қарори мазкур, истеҳсолкунандагони пиво барои ҳар 10 литр маҳсулоти истеҳсолкардаашон 2000 сӯм (бо қурби ҷорӣ 0,25 доллар), истеҳсолкунандагони арақ – 5000 сӯм (0,63 доллар), истеҳсолкунандагони маҳсулоти тамоку – 1000 сӯм барои ҳар як ҳазор сигарета пардохт мекунанд.

Дар Ӯзбекистон рекламаи маҳсулоти спиртӣ ва тамоку манъ аст. Илова бар он, нӯшокиҳои спиртӣ ва тамокуро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ истифода кардан манъ аст.

Ҳанӯз баҳори ҳамин сол вазорати молия пешниҳод карда буд, ки меъёри аксиз барои маҳсулоти спиртӣ ва сигаретаҳо баланд бардошта шавад, вале баъдан маълум шуд, ки нақшаи мазкур тасдиқ нашуд.

https://www.vedomosti.ru




# Тоҷикистон дар сафи 9 кишвари рушди иқтисодашон баландтарин

*Тоҷикистон дар сафи нуҳ кишваре қарор дорад, ки соли гузашта ба сатҳи рушди иқтисоди баландтарин ноил гардидаанд.*

Дар гузориши моҳи июни Бонки ҷаҳонӣ «Дурнамоҳои глобалии иқтисодӣ» қайд мешавад, ки соли 2017 сатҳи афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и Тоҷикистон 7,1%-ро ташкил дод.

Сатҳи баландтари афзоиши ММД дар соли гузашта дар ду кишвари африқоӣ: Эфиопия - 10,3% ва Гвинея - 8,2% ба қайд гирифта шудааст.

Ба даҳгонаи кишварҳои рушди иқтисодашон назаррас ҳамчунин Непал (7,9%), Гана (7,8%), Арманистон (7,5%), Туркия ва Бутан (7,4%-й), Бангладеш (7,3%), Тоҷикистон (7,1) ва Ҷибути (7,0%) шомил шудаанд.

**Соли 2017**

**САТҲИ АФЗОИШИ ММД ТУРКМАНИСТОН - 6,5%, ӮЗБЕКИСТОН - 5,3%, ҚИРҒИЗИСТОН - 4,4%, ҚАЗОҚИСТОН - 4,0% ВА РУСИЯ - 1,5%-РО ТАШКИЛ ДОД.**

Сатҳи афзоиши ММД-и кишварҳои иқтисодашон пурқудрат дар соли гузашта тариқи зайл аст: ИМА - 2,3%, Чин – 6,9%, Минтақаи Аврупо – 2,4%, Япония – 1,7%, Британияи Кабир – 1,8%.

Ба сурати умум соли гузашта сатҳи афзоиши иқтисоди ҷаҳон 3,1%-ро ташкил дод.

Бонки ҷаҳонӣ сатҳи афзоиши иқтисоди Тоҷикистонро дар соли 2018 - 6,1% пешгӯӣ мекунад. Сатҳи афзоиши нисбатан баландтар дар 16 кишвари ҷаҳон пешгӯӣ шудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои соли 2017 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон 61,6 млрд. сомонӣ (наздики 7 млрд. доллар)-ро ташкил дод. Ҳукумати ҷумҳурӣ афзоиши ММД-ро соли 2018 дар сатҳи 7% интизорӣ дорад.

**Манбаъ: https://www.news.tj**

# Налоговые риски
## при упрощенной системе налогообложения

**(Опыт Российской Федерации)**

### Какую ошибку совершают налогоплательщики при переходе на УСН?

Компания или предприниматель выбрали для работы УСН. Все ли так «гладко» и удобно при использовании данного спецрежима или есть свои нюансы? Давайте рассмотрим, на что следует обращать внимание при переходе на УСН.

Первое, на что стоит обратить внимание – это уведомление о переходе на упрощенную систему налогообложения. Очень распространенная ситуация, когда индивидуальный предприниматель при регистрации ИП забыл подать уведомление о переходе на «упрощенку». Напомним, что подать такое уведомление следует или сразу при подаче документов на регистрацию, либо в течение месяца со дня регистрации предпринимательства.

Подать уведомление можно лично в налоговый орган, через МФЦ, по почте ценным письмом с описью вложения. При любом способе подачи необходимо хранить подтверждение отправки такого уведомления, чтобы в дальнейшем не было споров и вы смогли легко доказать свое право на УСН.

Даже если предприниматель сдает ежегодно налоговые декларации по УСН, это не говорит о том, что он «автоматически» применяет упрощенную систему налогообложения. Это не так. Поэтому надо быть очень внимательным при регистрации ИП и ООО в том случае, если вы выбрали для себя УСН и подали уведомление. Храните ваш экземпляр с отметкой налоговой инспекции о принятии, в противном случае вам сложно будет доказать ваше право на применение данного режима и вам начислят другие налоги.

Второе – право на применение «упрощенки» можно утратить. Надо быть внимательным с суммой дохода.



Размер максимального предела по доходам, при которых можно работать на УСН, составляет 150 млн. в год. Каждый квартал, когда компания или ИП делают расчет суммы авансового платежа по единому налогу, надо смотреть на лимит и сравнивать величину полученного дохода. Если, например, при расчете дохода за полугодие ограничение по сумме выручки будет превышено, право на применение УСН автоматически утрачивается.

Третье – количество сотрудников в компании или у предпринимателя. Чтобы работать на «упрощенке» следует помнить об ограничении – не более 100 наемных сотрудников.

Четвертый тип риска – при расчете расходов (для тех налогоплательщиков, которые работают на «доходы минус расходы») следует помнить о том, что расчет налоговой базы отличается от принципа расчета налоговой базы по налогу на прибыль для организаций. Например, это касается учета основных средств и нематериальных активов.

Пятый тип риска – выставление счетов-фактур с выделенной суммой НДС. Не редки случаи на практике, когда компания или ИП на упрощенной системе налогообложения для своих покупателей выставляют счета-фактуры с выделенной суммой НДС. И потом налогоплательщик не думает о том, что он обязан теперь по НДС отчитаться и заплатить его в бюджет, он просто забывает и думает о том, что к нему будут «упрощенно» относится, так как он на УСН. Это не так.

Компании или предпринимателю на УСН, как и другим налогоплательщикам, налоговый орган вправе начислять пени и штрафы, привлекать к ответственности. Например, компания не сдала декларацию в срок или пропустила срок уплаты налога, не оплатила авансовый платеж по УСН, а по декларации за год сумма авансового платежа «лезет» в начисление.

Сама по себе «упрощенка» проста в том, что при этой системе не надо платить НДС и отчитываться по нему, платить налог на имущество и сдавать налоговую декларацию по этому налогу, чуть проще сама документация (надо вести Книгу Учета Доходов и Расходов), проще алгоритм расчета налога. Но даже в этих, казалось бы, простых вещах кроется своя сложность, про которую не стоит забывать. Налогоплательщик на УСН не освобождается от обязанности своевременно сдавать отчеты, платить налоги и выплачивать заработную плату сотрудникам, платить страховые взносы и удерживать НДФЛ, заключать трудовые договоры и нести ответственность перед своими работниками.

**http://taxpravo.ru**

**МОҲИ ИЮН АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА СОЛИ 2018**




# Минфин Российской Федерации разъяснил свою позицию по налогообложению криптовалют

**Соответствующее письмо направлено в адрес территориальных ИФНС**

Минфин пояснил свою позицию по налогообложению доходов физлиц от купли-продажи криптовалют. Соответствующее письмо было направлено в адрес территориальных инспекций ФНС, пишет газета «Коммерсантъ».

В письме Минфина говорится, что доходы физлиц от продажи криптовалют являются объектом налогообложения НДФЛ. Налоговая база определяется в рублях как превышение общей суммы доходов, которые получены от продажи соответствующей криптовалюты, над общей суммой документально подтвержденных расходов на ее приобретение.

**http://taxpravo.ru**

# МАЙДОНҲОИ ПИНҲОНИИ МОЛУ МУЛК ОШКОР ГАРДИД

**Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2018, №764 бо мақсади назорат ва таъмини иҷрои супоришҳо «Оиди баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» Гурӯҳи корӣ ба шаҳри Ҳисор сафарбар гардид.**

Чуноне ки сардори Гурӯҳи корӣ - сармутахассиси шуъбаи низомҳои махсус ва амволи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Набиев қайд намуд, аз ҳисоби андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андоз аз молу мулки ғайриманқулро пешниҳод накардаанд, инчунин, аз ҳисоби кам нишон додани масоҳати объектҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳисоботи андозӣ ва аз ҳисоби дар эъломияҳо нодуруст нишон додани таъиноти истифодабарии объектҳои молу мулки ғайриманқул 221,6 ҳазор сомонӣ муайян карда шуд.

Мувофиқи маълумоти пешниҳодгардида шумораи супорандагони андоз аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ба ҳолати 01.01.2017 дар Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор 36686 ададро ташкил медиҳад. Ба ҳолати 01.06.2018 нисбати 18097 адади онҳо баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) гузаронида шуда, ба миқдори 14935 адад ва ё 82,5 фоизи он ба махзани маълумоти барномаҳои компютерӣ дохил карда шудааст. Дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ, дар маҷмӯъ, 1264 адад объектҳои ғайриманқули бидуни қайд ва ба андозаи 763,5 ҳазор метри мураббаъ масоҳатҳои иловагии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва ба андозаи 117,1 ҳазор метри мураббаъ қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигии шахсони воқеӣ ошкор карда шудааст, ки аз ин ҳисоб бо дарназардошти мӯҳлати даъво ба маблағи 505,5 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шудааст. 393,5 ҳазор сомонии он, алҳол, ба буҷет пардохт гардидааст.

Аз тарафи Гурӯҳи корӣ нисбати 38 объекти ғайриманқули шахсони воқеӣ, азнавченкунӣ гузаронида шуд. Дар натиҷа, нисбати 9 ҳолати баҳисобгириҳои қаблӣ фарқият муайян гардид. Масалан, тибқи маълумоти баҳисобгирӣ (инвентаризатсия), дар Ҷамоати деҳоти Дурбат дар санад ба номи шаҳрванд Одинаев Қиёмиддин 1900 $м^2$ замин, 385 $м^2$ хонаи истиқоматӣ ва ба андозаи 156 $м^2$ биноҳои ёрирасон ба ҳисоб гирифта шудааст. Аммо, тавре муайян



карда шуд, масоҳати қитъаи замини наздиҳавлигӣ дуруст буда, масоҳати хонаи истиқоматии он ба 400 $м^2$ ва бинои ёрирасони он ба 399 $м^2$ баробар мебошад. Яъне масоҳати хонаи истиқоматӣ ба андозаи 15 $м^2$ ва масоҳати бинои ёрирасони шаҳрванди зикргардида ба андозаи 243 $м^2$ кам ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ба ҳамин монанд, нисбати шаҳрванд Рустамов Валиҷон, истиқоматкунандаи ҷамоати зикргардида, ба андозаи 179 $м^2$ хонаи истиқоматӣ, 86 $м^2$ биноҳои ёрирасон ва ба андозаи 1600 $м^2$ қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Корҳои назоратӣ муайян намуд, ки хонаи истиқоматии шаҳрванди зикргардида ба 225 метри мураббаъ ва биноҳои ёрирасони он ба 203 метри мураббаъ баробар мебошад, ки фарқияти масоҳати кам баҳисобгирифтаи хонаи истиқоматии он ба андозаи 46 метри мураббаъ ва биноҳои ёрирасони он 117 метри мураббаъро ташкил менамояд.

Инчунин, аз тарафи Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор объектҳои ғайриманқули шаҳрванд Ҳусейнов Шамшод, ки соли 2015 аз ҶДММ "Нури Дилшод", харидорӣ карда шудааст у айни ҳол боз аз тарафи Ҷамъияти зикргардида ҳамчун иҷора истифода мешавад, мавриди баҳисобгирӣ қарор дода шуд. Гарчанде ки аз тарафи шаҳрванд андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул аз рӯи таъинот ҳисоб ва пардохт гардида бошанд ҳам, аммо масоҳати систернаҳои он, ки 1772,0 метри мураббаъро ташкил менамояд, ба инобат гирифта нашудааст, ки маблағи фарқи он тибқи мӯҳлати даъво 8,4 ҳазор сомониро ташкил менамояд. Ин маблағ ҳоло ба буҷет пардохт карда шудааст. Ба ҳамин монанд, фарқияти масоҳат дар объектҳои ғайриманқули ҶСП "Хонақонефтопродукт" ба андозаи 660 метри мураббаъ, шаҳрванд Эшов Давлат ба андозаи 3319 метри мураббаъ муайян гардид, ки тибқи мӯҳлати даъво ба маблағи 10,8 ҳазор сомонӣ андозҳо ҳисоб шуда пардохти 5,0 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Дар Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор тибқи маълумоти мавҷуда шумораи супорандагони андоз аз молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ ба ҳолати 01.01.2017-ум 150 ададро ташкил дода, ба ҳолати 01.06.2018 нисбати 52 адад, ё худ нисбати 34,7% онҳо баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) гузаронида, ба миқдори 22 адад ва ё 42,3 фоизи он ба махзани маълумоти барномаҳои компютерӣ дохил карда шудааст. Дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ ба андозаи 28,8 ҳазор метри мураббаъ масоҳати объектҳои гайриманқули дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ва ба миқдори 38,2 ҳазор метри мураббаъ қитъаҳои замин ошкор гардид. Аз ин ҳисоб аз маблағи 142,9 ҳазор сомонӣ андозҳо аз молу мулки ғайриманқул 117,8 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар баъзе ҳолатҳо андозсупорандагон ҳангоми пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул, масоҳати объектҳои ғайриманқули худро аз рӯи таъиноти истифодабарӣ нишон надодаанд ва ё пешниҳод накарданд, ки ин боиси кам гардидани маблағҳои ҳисобшудаи ин намуди андоз гардидааст. Масалан, ҶДММ "Некӣ", ки фаъолияти он хариду фурӯши маводи ниёзи мардум мебошад, андозбандии объектҳои ғайриманқули он тибқи талаботи қисми 2 моддаи 279 Кодекси андоз бояд аз рӯи мақсади истифодабарӣ бо фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо то 250 метри мураббаъ бо меъёри 12,75 фоиз ва масоҳати боқимондаи он бо меъёри 15 фоиз амалӣ карда мешуд. Вале ҷамъият ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои андоз аз молу мулки ғайриманқул на аз рӯи меъёри зикргардида, балки бо меъёри объектҳои ғайриманқули барои амалӣ намудани дигар мақсадҳо истифодашаванда, яъне бо меъёри то 200 метри мураббаъ ба андозаи 9 фоиз ва аз масоҳати боқимондаи 200 метри мураббаъ ба андозаи 12 фоиз ҳисобот пешниҳод намудааст, ки боиси дар давраи солҳои 2016-2018 кам ҳисоб гардидани андозҳо ба маблағи 20,3 ҳазор сомонӣ гардидааст. Ин аст, ки ҷамъият нисбати маблағҳои иловагии ошкоргардида эъломияи иловагӣ пешниҳод намуд.

Дар фаъолияти ҶДММ "Автокараван" ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "МНА 14" ба маблағи 18,7 ҳазор сомонӣ ва ҶСП "Хонақонефтопродукт" ба маблағи 20,3 ҳазор сомонӣ муайян карда шуд.

Маблағҳои аз ҳисоби нодуруст дарҷ намудани таъиноти истифодабарии объектҳои ғайриманқул, ки 59,3 ҳазор сомониро ташкил менамуд, аз тарафи андозсупорандагон эътироф гардида, нисбати онҳо эъломияҳои ислоҳотӣ пешниҳод карда шуд. Инчунин, дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ эъломияи андозҳои пешниҳоднакардаи андозсупорандагон алоҳида - ҶДММ "Сахӣ" ба маблағи 10,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Арш" ба маблағи 11,8 ҳазор сомонӣ ба маблағи 122, 9 ҳазор сомонӣ муайян карда шуд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

МОҲИ ИЮН | АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА | СОЛИ 2018

## Белоруссия: Директор и главбух предприятия в Сморгони скрыли Br48 тыс. налогов

**Директор и главбух предприятия в Сморгони подозреваются в уклонении от уплаты налогов, сообщила БЕЛТА старший помощник прокурора области Татьяна Вербель.**

В отношении директора и главного бухгалтера одного из сморгонских предприятий прокуратурой Гродненской области возбуждено уголовное дело по ч.1 ст. 243 УК (уклонение от уплаты сумм налогов, сборов путем умышленного занижения налоговой базы и внесения в налоговые декларации заведомо ложных сведений, повлекшее причинение ущерба в крупном размере). Поводом для этого послужили результаты проверки, проведенной сотрудниками Лидского межрайонного отделения УДФР КГК по Гродненской области.

Выяснилось, что с целью уклонения от уплаты сумм налогов директор и главный бухгалтер предприятия решили не принимать к бухгалтерскому учету переданные им в 2013 году в хозяйственное ведение здания и сооружения. После этого не исчисляли и не уплачивали налог на недвижимость, внося при этом в налоговые декларации заведомо ложные сведения.

«В результате противоправных действий должностных лиц бюджет недосчитался свыше Br48 тыс.», — отметила Татьяна Вербель. Для организации предварительного расследования



уголовное дело направлено прокуратурой области в УСК по Гродненской области.

https://news.mail.ru

# ЭЪЛОН

## АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии ҳолатҳои аз тарафи кормандони мақомоти андоз аз субъектҳои хоҷагидор беасос талаб намудани пешпардохти маблағи андозҳо, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки аз пардохти маблағи андозҳои аз уҳдадории давраи ҳисоботӣ зиёд худдорӣ намоед.

Бинобар ин, хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозӣ доштан барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андоз бо мақомоти андози маҳалли қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳед.

Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя нагардидани талаботи мазкур, шумо метавонед бо рақами телефонии содакардашудаи 151 ва ё хаттӣ ба Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ОБЪЯВЛЕНИЕ

## УВАЖАЕМЫЕ НАЛОГОПЛАТЕЛЬЩИКИ!

Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан в целях предотвращение необоснованных требований сотрудников налоговых органов об предварительной оплате налогов с налогоплательщиков, за исключением случаев предусмотренных Налоговым кодексом Республики Таджикистан, убедительно просит Вас воздержаться от уплаты излишних налогов текущего периода.

В связи с этим, в соответствии с положениями статьи 19 Налогового кодекса просим вас в целях определения правильности налоговых обязательств в каждом налоговом периоде, постоянно осуществлять налоговые акты сверки с налоговыми органами по месту налоговой регистрации.

В случае несоблюдения настоящих требований со стороны сотрудников налоговых органов, можете обращаться в Контакт – центр Налогового Комитета по телефонному номеру 151 или письменно.

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан**

# ХИЁНАТҲОИ ҲНИТ НОБАХШИДАНИСТ!

**Дар даврони Шӯравӣ дин падидаи зараровар, занҷири пои прогрессу тараққиёт дониста шуда, мудом бар зидди он мубориза бурда мешуд. Дар ҳамаи донишкадаҳои олӣ ва муассисаҳои таълимӣ таълиму тарбия характери зиддидиннӣ (атеистӣ/бехудой) дошт.**

Баъд аз пошхӯрии давлати Шуравӣ сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон оид ба дин пурра тағйир ёфта, зимнан тамоми шароитҳо барои рушдуривоҷи дин муҳайё гардид.

Дар солҳои даврони Шуравӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 17 адад масҷиди ҷомеъ фаъолият мекард ва 30 нафар шаҳрвандон озими «Хонаи Худо» ҳаҷи Акбар гардида буданд. Имрӯзҳо бошад, дар муддати 26 соли Истиқлолияти давлатӣ 4000 масҷидҳо фаъолият доранд, зиёда аз 200 ҳазор шаҳрвандон бо таври расмӣ дар дохили кишвар таълими динӣ гирифта, дар Донишкадаи Исломии Тоҷикистон 1500 донишҷӯ таҳсил менамоянд. Ғайр аз ин зиёда аз 20 китобу рисолаҳои гуногуни динӣ, бахусус Қуръони Карим тарҷума ва нашр карда шуданд. Соли бузургдошти пешвои мазҳаби мо тоҷикон Абуҳанифа Нӯъмон Ибни Собит-Имоми Аъзам ва монанди инҳо далели равшани таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои дин ҳамчун яке аз рукнҳои асосии фарҳанг ва ҳувияти миллии мардуми тоҷик мебошад. Бо вуҷуди ин гуфтаҳо дар даврони Истиқлолият дар ҷумҳурӣ даҳҳо ҷунбишу ҳизбҳои калону хурд пайдо шуданд, ки ҷанбаи динӣ доштанд. Аммо мутаассифона, таъсири дин на барои таъмини якпорчагии Тоҷикистон ва беҳбудии ҳаёти халқ, балки барои тафриқа ва ҷудоиандозӣ ба тундгароию экстремизм ва ғасби ҳокимият равона шуда буд.

Агар мо солҳои ҷанги шаҳрвандии кишварро ба ёд орем, мебинем, ки маҳз бо таъсиррасонии ҳизби террористии ҲНИТ ва пайравони ӯ ҷараёнҳои «ваҳобия ва салафия», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ва дигар ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ мардуми Тоҷикистон бо гурӯҳҳо ҷудо шуда, кишварро ба дараҷаи фалаҷшавӣ расониданд ва кушокушӣ сар шуда, мардуми Тоҷикистон фирорӣ гардид. Падар бо писар, духтар бо модар ва бародар бо бародар душман шуданд. Тариқи садову симо гиряю мотами зани тоҷик дили бинандаро реш-реш мекард. Тавре ки вақтҳои охир пурра маълум шуд, ин ҳама бесарусомониҳо аз ҷониби ҲНИТ ва пайравони он сар задааст.

Солҳои охир аъзоёни ин ҳизби ифротиву террористӣ теъдоди зиёди ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидоштаро содир намуда, боиси халалдор намудани ҳаёти осоиштаи мардум гардиданд.

Ин равияҳои номатлуб давлатҳои абарқудрати тамоми гӯшаю канори ҷаҳонро ба доираи манфиатҳои ҳаётан зарурии худ дохил менамоянд. Ҳодисаҳои дар Ироқ, Миср ва Сурия нишон дод, ки гурӯҳҳои ифротии динӣ ҷалби ҷавононро ба ин давлатҳои ба ном исломӣ таъмин намуда, вазъи сиёсии оламро нооором месозанд. ҲНИТ ва ҳаммаслаконаш мехоҳанд ҳокимияти сиёсиро ба даст оварда, тоҷиконро ба тарзи зиндагонии асрҳои миёна бозгардонанд.

Барои инсон хоҳ зан бошаду хоҳ мард беҳтарин хислат доштани одоби накӯ аст, зеро Қуръони карим саропо одоб аст. Имрӯзҳо намояндагони 425 дини ҷаҳон дар ҳайратанд, ки чаро ислоии поку беолоишро ба гурӯҳҳо тақсим намуданду якдигарро террор мекунанд.

Ҳинду Чин 150 Худо ва 800 ақидаи мухталиф доранду ба тариқи сулҳу якдилӣ зиндагӣ мекунанд. Мо, мусулмонон 1-Худо, 1-Пайғамбар ва 1-Қуръон, ки Алберт Эйнштейнт дар васфи он мегӯяд: "Қуръон китоби ҷабр ё ҳандаса нест, маҷмӯе аз қавонин аст, ки башарро ба роҳи саҳеҳ, роҳе, ки бузургтарин файласуфа ва донишмандони дунё аз таъриф ва таъйини он оҷизанд, ҳидоят мекунад" дорем, вале пайваста дар тазодди якдигар қарор дорем ва бо таъсиррасонии гурӯҳҳои ифротӣ дини мубини исломро ҳамоно доғдор мекунем.

Исломи нобу таълимоти покиза аз бузургони мо Салмони Форс, Имоми Аъзам, Имом Бухорӣ ва дигар нобиғаҳои миллати тоҷик, ки дар рушду нумӯи илму маърифати исломӣ саҳми босазо доранд ба мо ёдгор мондааст.

Дар таърихи 29-январи соли 2016 сохтори минтақавии зидди терроистии созмони ҳамкории Шанхай созмони террористӣ- экстремистӣ ҲНИТ-ро таҳти рақами 79 ба рӯйхати ташкилотҳои террористӣ ворид намуд, яъне 8 кишвари бузурги ҷаҳон ташкилоти террористӣ будани ҲНИТ-ро эътироф кардаанд.

Мақсад аз зикр намудани гуфтаҳои боло аз он иборат аст, ки мардуми азияткашидаи Тоҷикистон як маротиба дар доми фиреби ҳомиёни ҲНИТ ва пайравони он афтида буданд ва беҳтарин фарзандони фарзонаи миллатро аз даст доданд, имрӯз вақти он расидааст, ки мо зиракии сиёсиро аз даст надода, бо ин гурӯҳҳои номатлуб муборизаи беамон бубарем. Вақти он расидааст, ки дини покамонро аз нигоҳҳои ғаразноку ақидаҳои ботил ҳифз намоем ва баҳри ҳимояи обрӯю эътибори он саъю кӯшиш намоем. Бузурге фармудааст:

*Кас агар дӯст надорад Ватан,*
*имонаш кӯ,*
*Дӯстдории Ватан фарз, агар*
*виҷдон аст.*

Агар дӯстдоштани Ватан фарз бошад, биёед баҳри амну суботи Тоҷикистони азизамон, зиндагии осоиштаи мардум ҳиссаи арзандаи худро гузорем, нагузорем, ки нохалафе амну суботи кишвари азизамонро халалдор созад.

**Нуриддин АКРАМОВ,**
**устоди Донишкадаи исломии Тоҷикистон**

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ХОРИҶА

# Доналд Трамп сарвазири Канада ва кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупоро таҳти интиқод қарор дод



**Президенти ИМА Доналд Трамп дар Твиттер сарвазири Канада Ҷастин Трюдо ва кишварҳои узви Иттиҳоди аврупоро таҳти интиқод қарор дод. Президенти Америка қайд намудааст, ки савдои «софдилона» вале яктарафаро «савдои аҳмақон» номидан мумкин аст.**

Тибқи маълумоти Канада, ин кишвар аз савдо бо ИМА 100 миллиард доллар даромад ба даст меорад (ба андешаам онҳо дар ин маврид лоф зада, худашон ба дом афтодаанд). Даромадашон камаш 17 миллиард бояд бошад. Андоз барои маҳсулоти ширӣ дар кишвари мо 270% аст, - хотиррасон кардааст президент. Ӯ қайд кардааст, ки фермерони амрикоӣ, андозсупорон ва коргарон маҷбуранд, ки барои маҳсулоти ширӣ «ноодилона маблағи калон» пардохт намоянд.

Президент бори дигар дар борааи ба миқдори 800 миллиард доллар камбуд доштани ИМА дар соҳаи савдо хотиррасон шуда, қайд кардааст, ки ИМА тамоми хароҷоти мудофиаи кишварҳои узви НАТО-ро пардохт мекунад. Аз ҷумла, президент аз Олмонро барои ҳаҷми хурди маблағгузориаш ба НАТО мавриди интиқод қарор додааст. Президент қайд кардааст, ки «мо Аврупоро ҳимоя мекунем ва барои хизматамон аз мо барои қоидаҳои савдо интиқод мекунанд».

«Камбудии қисми даромади буҷети кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аз савдо бо ИМА 151 миллиард долларро ташкил медиҳад ва онҳо бояд барои мудофиа зиёдтар харҷ кунанд!», қайд кардааст Трамп.

Сарвазири Канада дар нишасти матбуотӣ аз рӯи натиҷаҳои саммити кишварҳои ҳафтгона ИМА-ро таҳти танқид қарор дод. Дар суханрониаш вай қайд кард, ки Оттава ба Вашингтон иҷозати зери по кардани ҳуқуқҳояшро намедиҳад ва дар баробари он боҷҳои амрикоиро «таҳқиркунанда» номида, гуфтааст, ки боҷҳои воридотӣ барои фермерони Америка, ширкатҳо ва коргарони он баланд бардошта мешаванд.

**https://www.kommersant.ru**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ Филиали Дай Ниппон Констракшн дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (РЯМ 2120000025, РМА 210007424), воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Ҷовид-М» (РМА 190001498) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Фируз-М» (РМА 190007749) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ Ташкилоти ҷамъиятии Шӯрои собиқадорони ҷанговарони интернатсионалии вилояти Хатлон, ки дар Раёсати адлияи вилояти Хатлон таҳти рақами ИҶ: 461 аз 17 январи соли 2017 ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Дилангез-2012» (РЯМ 2810004359) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Сохтмони Нав» (РЯМ 0410002359) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сафаров Сафархуҷа (РЯМ 0331316022) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҷабов Фарҳод (РЯМ 0331194289) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуллоева Саодат (РЯМ 0331317571) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Аламов Абдулманон №0025855 (РЯМ 1530017097) аз ноҳияи Варзоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Сертификати № 007116 аз соли 2001 мутааллиқ ба КТ «Исломиддин» (РЯМ 2610000846) аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулов Ҳамроқул (РЯМ 2830070605) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шокирова Раҷабгул (РЯМ 2830106061) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мусулманов Мамадҷон № 0242328 (РЯМ 3830032397) аз ноҳияи Шаҳритус, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бобиев Ҳабибулло (РЯМ 3530008607) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсупов Соҳиб (РЯМ 2930053537) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Гувоҳномаи Кумитаи идораи замини шаҳри Бохтар (РМА 280011171) бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сайдуллоев Валихон (РЯМ 2930058625) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шамсов Самовуддин (РЯМ 2930026395) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Оев Манучеҳр (РЯМ 0530096555) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Зубайдуллоев Суҳбатулло (РЯМ 0730067250) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қосимшоев Аъзам (РЯМ 6230081175) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ ва Гувоҳнома дар бораи додани РМА таҳти рақами 020043192 мутааллиқ ба ҶДММ «Қубурҳои Интиқоли Нафти Хитой (Тоҷикистон)» (РЯМ 0210019920) аз ноҳияи Исмоили Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Қубурҳои Интиқоли Нафти Хитой (Тоҷикистон)» № 0264856 (РЯМ 0210019920) аз ноҳияи Исмоили Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**Раёсати марказии назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ ва тиббӣ дар вилояти Суғд (РМА 510003042) бо Раёсати ҳадамоти давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар вилояти Суғд (РМА 510022257) бо Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ муттаҳид мешавад.**

USAID АЗ МАРДУМИ АМРИКО
imon international
Media group/Tajikistan ASIA-Plus
durandesh
Боҷу ХИРОҶ
Фараҳ - 2018
ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ БОНУИ СОҲИБКОРИ СОЛ

## ДИҚҚАТ! ДИҚҚАТ!

Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон бо мақсади ҷалб намудани диққати ҷомеа ба рушди соҳибкории бонувон ва ҷорӣ намудани таҷрибаи онҳо байни занону ҷавондухтарони кишвар оғози баргузории озмуни навбатии Бонуи соҳибкори сол - Ҷоизаи «Фараҳ-2018»-ро эълон менамояд.

Ғолиби Шоҳ-Ҷоиза аз тарафи ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ" бо мукофоти арзандаи пулӣ сарфароз гардонида мешавад.

**Озмун аз рӯи номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:**

- Соҳаи истеҳсолот
- Соҳаи кишоварзӣ
- Соҳаи ҳунарҳои мардумӣ
- Соҳаи хизматрасонӣ (кошонаи ҳусн, сехи дӯзандагӣ, IT, web-сайт, меҳмонсарову меҳмонхонаҳо, агентии сайёҳӣ, хӯроки умумӣ ва ғ.)
- Соҳаи хизматрасонии тиббӣ ва таълимӣ
- Оғози тиҷорати нав (на кам аз ду сол)

**Соҳибкорзанони азиз, шумоёнро барои иштирок дар**
Озмуни ҷумҳуриявии "Фараҳ-2018" даъват менамоем!

Дархостҳо барои иштирок дар озмун то 1-уми майи соли 2018 қабул мегарданд. Шартҳои озмун ва дигар маълумотҳо муфассал дар сомонаи мо: www.nabwt.tj оварда шудаанд.

**Почаи электронии мо барои иртибот:**
farah.nabwt@gmail.com
**Тел:** (93)503 50 05, (92)756 50 00

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шумо мерасонад, ки пас аз ҳисоб намудани маблағи андозҳо метавонед ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, тавассути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» маблағи андози дахлдорро ба буҷет пардохт намоед ва расиди маблағи пардохтшударо, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунанда, бо худ нигоҳ доред.

*Ёдрас мешавем, ки дар сурати ба шахси дигар додани маблағи андоз эҳтимолияти пардохт накардани андозҳо ва боиси дар назди буҷет қарздор мондани шумо мегардад.*

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки роҷеъ ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз
**www.andoz.tj**
ва барои гирифтани посух аз Бахши иттилоотии (контакт-сентр)
**151**
истифода намоед.

## *«МАМАВИТ-гел» -*

*ин солимӣ ва зебоии пистони зан аст!*




«МАМАВИТ» - ро барои зебоӣ ва барқарории намуди сина, қавӣ гаштани мушакҳои сина ва таранг шудани пӯсти он истифода мебаранд. Модарон баъд аз маконидани кӯдак метавонанд онро истифода баранд. Инчунин барои табобати як қатор бемориҳои пистон мастопатия (бемории ғадуди сина, сӯзиши пистон) касалиҳои пӯст (экзема, пучакҳо) таъсири хубе мерасонад. Мамавит гел маҳсулоти гиёҳӣ буда дар ҳамаи синну сол истифодабариаш мумкин аст. Тарзи истифода: дар як рӯз ду маротиба бо ҳаракатҳои масҳкунанда моледавоми се моҳ. **Рақами қайд №001561.**

## «ЧИСТОТЕЛ Бальзам» -

*Малҳами навчидаи гиёҳӣ*




Истифода мешавад барои; -ҳамагуна намуд варамҳои безарари пайдошуда дар пӯст, озахм, папилломаҳо, ва экземаҳо (малҳамро ба ҷои осебдида мо- лед. Дар рӯю бадан 8-10 дақиқа) -пучакҳо, панаритсийҳо (ним қошуқча малҳамро дар 100 мл. об омехта тампони докагиро ба он тар кунед ва дар ҷои бемор ба муддати 5-10 дақиқа гузоред).-хоришак ва сили пӯст (2 қошуқ малҳамро дар 100 мл. об омехта онро ба ванна резед ва хуб омехта кунед). Бартарии малҳами (бальзам) ЧИСТОТЕЛ аз ЧИСТОТЕЛи - спиртӣ дар он аст, ки баъди истифода- ягон доғе боқӣ намемонад. Рақами қайд №001562. Истеҳсолкунанда Русия. Аз дорухонаҳо пурсон шавед!

## Пролит ва Пролит Супер -

*маҳсулоти №1 дар ҷаҳон!*




- ин маҷмӯъҳои гиёҳӣ барои пора намудан ва аз гурда бо нармӣ берун баровардани сангу қум, зидди илтиҳоб ва шамолхӯрии гурдаҳо истифода бурда мешаванд. -таркиби антисептикӣ ва антибактериалӣ доранд. -таъсироти асоси натиҷаовари он; хунукии гурда, инфексия, ва сангу қумро аз байн мебарад. Шахсоне, ки ин маҳсулоти гиёҳиро медонанд ё истеъмол намудаанд, аз шифоии хуби он огаҳ ҳастанд. Бо ҳисоботи идораи маркетологии байнидавлатӣ- "DSEM grup" аз рӯи фурӯши (дар системаи урология) ҷаҳонӣ, пролит супер дар зинаи аввал қарор дорад. Саволҳои худро ба табибони ботаҷриба ба сайти www.netkamney.ru пешниҳод намоед. Аз дорухонаҳо пурсон шавед!

# АЗ ҲАР ХУСУС

## АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Вазъи деҳқонон – иҷоракорони безамин хеле бад буд. Дар асри XVI ба мисли давраҳои пешин феодалҳо хоҷагидории калон ташкил намекарданд, воҳиди асосии хоҷагидорӣ – хоҷагии деҳқонӣ буд. Аз ин ҷост, ки заминҳои ҳама гуна категория ба деҳқонон ба иҷора дода мешуданд. Вазъи деҳқонони иҷоракор якранг набуд. Одатан, заминҳои вақф ва давлатиро феодалҳо ба иҷора мегирифтанд. Дар ин маврид барои деҳқонон – иҷоракорони зердаст (субарендатор), шартҳои иҷора басе вазнин мешуданд, чунки феодал аз иҷоракори зердаст нисбат ба ҳаҷми асосии андоз – рента ҳиссаи бештарро мегирифт. Ба сабаби кӯтоҳ будани мӯҳлати иҷора вазъи деҳқонони иҷоракор ва иҷоракорони зердаст боз ҳам бад мешуд. Масалан, дар вақфномаҳо борҳо таъкид гардидааст. ки замин беш аз се сол ба иҷора дода нашавад. Дар асри XVI дар Осиёи Миёна заминдории ҷамоавӣ (обшинаӣ) ва анъанаҳои ин навъ ҷамоа вуҷуд доштаанд ва амал мекарданд. Вазъи заминдор – деҳқони ҷамоавӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ аз вазъи деҳқони иҷоракор фарқ мекард. Вале деҳқони заминдори ҷамоавӣ имтиёзи ба назар намоёне дошт: замин ба таври доимӣ – «бемуҳлат» дар ихтиёраш буд, аз ҳуқуқи «иҷораи абадӣ» баҳраманд буд. Вале фикри он ки деҳқонони ҷамоавӣ (обшинаӣ) танҳо ба замини давлатӣ пайваст буданд, ғалат аст. Замини ҷамоавӣ аз як соҳиб ба соҳиби дигар «мекӯчид», вай метавонист мулкӣ ё вақфӣ бишавад, вале бо вуҷуди ин, деҳқон ҳуқуқи «иҷораи абадӣ»-ро аз даст намедод. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки ҳангоми хариду фурӯши замини ҷамоавӣ он ба қисмҳо тақсим карда намешуд. Моҳиятан, ин амал на хариду фурӯши худи замин, балки ҳуқуқ ба андоз – рента аз деҳқонони ҷамоавӣ буд. Ҳолатҳое ба мушоҳида гирифта шудаанд (мувофиқи иттилои манбаъҳои таърихӣ), ки замини ҷамоавӣ дар дасти соҳибони зиёде будааст, вале заминро онҳо тақсим намекарданд, фақат рента – андозро тақсим мекарданд. Оид ба тағйирот дар шаклҳои истисмор дар даврaи Шайбониён нисбат ба асри XV маълумоти кофӣ дастрас нестанд. Исбот шудааст, ки ҳаҷми қонунӣ ва собити қисми асосии рента – андоз аз замин дар асри XV 30% (баъзан ба 40% низ мерасид) аз заминҳои корам буда, ба шакли натуравӣ гирифта мешуд. Ба ғайр аз ин, навъҳои дигари андозҳо ва пардохтҳо вуҷуд доштанд, ки ба шакли маблағи пулӣ ё молӣ (натуравӣ) ҷамъ оварда мешуданд, ҳаҷми онҳо дақиқан маълум нест, ҳаҷми онҳо бешак ба ихтиёри омилони марказӣ, ба рафтори худсаронаи онҳо вобаста буд. Андоз ва токзорҳо одатан, ба шакли маблағи пулӣ ситонида мешуд. Ба мисли пештара дар асри XVI иҷрои корҳои маҷбурӣ вуҷуд дошт.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Бодиринг даво мебахшад

**ШАРБАТИ БОДИРИНГ**

**ПӮСТРО БОТАРОВАТ, САФЕДУ НАФИС МЕСОЗАДУ БОИСИ НЕСТ КУНОНИДАНИ ДОҒҲОИ КУНҶИТАК МЕГАРДАД.**



Сари чанд вақт бо пораҳои бодиринг молиш додани пӯст муфид аст. Бодиринг дорои калий, калсий, оҳан, фосфар, йод, миқдори ками витаминҳои муҳими каротин, B2, B1, PP, ҷавҳари пантотен, B6 ва C мебошад. Аз ин лиҳоз, аз рӯи табобатнокӣ ва фоиданокиаш бодиринг дар баробари сабзӣ, помидор, пиёз ва ҳатто меваҳои ситрусӣ меистад. Бодиринг то 96% ва аз он зиёдтар об дорад. Бодиринг хусусияти муайяни табобатӣ дорад: иштиҳоро бедор, ҳазми хӯрокро хуб месозад. Бодиринги тару тоза ҳангоми бемории меъда, гурда ва ҷигар муфид аст. Истеъмоли бодиринг дар хӯрок боиси аз ҷисм берун сохтани об, кори хуби ҷигар, дил ва гурдаҳо мегардад. Шарбати бодиринг, сабзӣ ва лаблабӯ дар якҷоягӣ бемориҳои тарбод (ревматизм) –ро табобат мекунад. Ҳангоми пародонтоз, рехтани мӯй бодиринг муфид асту асабро ором, атеросклерозро пешгирӣ ва хотираро равшан месозад.

## Қаламфур бо таъми қаҳва

**Дар музофоти Онтариои Канада селексионерҳо «Қаламфури шакалодӣ» ихтироъ карданд.**



Нодирии он на танҳо дар намуди зоҳирӣ, балки дар таъми форам ва накҳати қаҳва доштанаш мебошад. Қаламфури мазкур дар гармхона парвариш карда мешавад ва ин сабзавоти нодирро дар мағозаи муқаррарӣ наметавон пайдо кард. Сарфи назар аз намуд ва таъми ғайриодӣ тамоми хусусиятҳои фоидаовари он нигоҳ дошта шудаанд. Тавре маълум аст, қаламфур миқдори зиёди витамини C дорад, ки барои пешгирӣ аз бемориҳои гуногуни дил судманд аст.

## ПАНДИ РӮЗГОР

**ТАБАССУМ КӮТОҲТАРИН РОҲИ САОДАТ АСТ.**

Ҳар субҳ, ки бо ҳамсарат рӯ ба рӯ шудӣ, табассум кун, то муҳаббатро эҳсос кунад. Ҳаргоҳ, ки бо душманат рӯ ба рӯ шудӣ, табассум кун, то бузургиятро эҳсос кунад. Шахсе, ки замоне ба ту хиёнат кард, чун бо ӯ рӯ ба рӯ шудӣ, табассум кун, то эҳсос кунад, чӣ қимматеро аз даст додааст. Ҳар гоҳ бо ятиму бенавое рӯ ба рӯ шудӣ, табассум кун, то шӯълаи умед дар дилаш ҷӯш занад. Ҳаргоҳ бо дарду ғам рӯ ба рӯ шудӣ, табассум кун, то одамиятро аз ту нагиранд. Табассум кӯтоҳтарин роҳи саодат аст.

## Роҳи оҳани хатарнок



Вайт Пасс ва Юкан роҳи оҳанест, ки таърихи зиёда аз садсола дошта, дарозиаш 109 километр мебошад. Он дар иёлоти Аляскаи Амрико тӯл кашида, ҳамчун хатсайри туристӣ истифода мешавад.

Баъзе қитъаҳои роҳи оҳани Вайт Пасс ва Юкан дар болои пулҳои чӯбӣ, ки ҳар лаҳза фурӯ рафтани онҳо аз эҳтимол дур нест, бунёд гаштаанд. Вале, сарфи назар аз ин, сайёҳон ба хотири дидани манзараҳои зебои Аляска маҳз тариқи он сафар мекунанд.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Шарифтарин дил он аст, ки андешаи озодии дигарон дар он аст.

Ба чашме эътимод кун, ки ба ҷои сурат ба сирати ту менигарад.

Чеҳраи фаромӯшнашаванда танҳо чеҳраи модар аст.

Муаллим мисли шамъ аст, худ месӯзад, то дигаронро равшан созад.

Ба диле дил супор, ки бисёр ҷойи холӣ бароят дошта бошад.

Дастеро бипазир, ки боз шуданаш бехатар аз мушт шудан ошно бошад.

## Оё медонед?



Дар шаҳри Санкт – Петербурги Федератсияи Россия осорхонаи аҷиби нигораҳои зинда, биҳишти тропикии ҳақиқӣ, мавҷуд аст. Дар ин осорхона шапалакҳои тамоми ҷаҳон ҷамъ оварда шудаанд. Онҳо озодона парвоз мекунанд ва дар китфи тамошобинон менишинанд.



**Суръати ҳавопаймои Boing 747 ба 955 километр дар як соат мерасад.**

Боҷу ХИРОҶ

МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Ҳафтанома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

➢ **Навбатдор:** Фотимаи МИРЗОХОН

➢ **Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

▶ ***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

➢ **Тел:** 2-33-08-41 ***Теъдод: 28 378***